$$N(a,0) = N_0(a), 0 \le a \le a_{max}$$

$$N(0,t) = \int_0^{a_{max}\int} B_0(\xi) N(\xi,t) d\xi, 0 \le t \le t_{k.}.$$

Полагая $t=a+\tau$, при постоянной $F_0(a)$ получим следующую точечную задачу логистического типа

$$\frac{dN}{dt} = \delta N - \epsilon N^2,\ N|_{t=0} = N_0\ \ ,$$

и алгоритм решения поставленной задачи в случае, когда численность зависит только от времени. Тогда данный алгоритм можно интерпретировать в виде следующих действий: количественный состав некоторого биологического или экономического (трудовые ресурсы) вида отмечаем как, $N(t), t \in [0, t_k]$ в момент времени t. Темп роста процесса отмечаем как $\delta = b_0 - d_0$, а конкуренцию (самоограничение) отмечаем, как ε, и тогда получаем уравнение логистика, в это уравнение подставляем начальные условия:

$$\frac{dN}{dt} = \delta N - \epsilon N^2,\ N|_{t=0} = N_0,$$

и следовательно

$$\boxed{N(t) = \frac{N_0 \epsilon^{\delta t}}{1 - N_0 \frac{\epsilon}{\delta} + N_0 \frac{\epsilon}{\delta} e^{\delta t}}}.$$

Основные технические данные модели:

Вот как построить компьютерную программу:



Рисунок 1.

```
Option Base 1
Private Sub cmdDraw_Click()
   frmChart.chrt.ChartData = ar
   frmChart.chrt.Column = 1
   frmChart.chrt.ColumnLabel = "Maltus"
   frmChart.chrt.Column = 2
   frmChart.chrt.ColumnLabel = "Logistiki"
   frmChart.Show
End Sub
Private Sub Command1_Click()
   Dim tk As Double, n As Double, h As Double, m As Double, eps As Double
   Dim max  As Integer, i As Integer, j As Integer, n0 As Double, d As Double
   List1.Clear
   List2.Clear
   List3.Clear
   tk = CDbl(InputBox("  tk - ro dokhil kuned"))
   t0 = CDbl(InputBox("  t0 - ro dokhil kuned"))
   n0 = CDbl(InputBox(" n0 - dokhil kuned"))
   h = CDbl(InputBox(" h - dokhil kuned"))
   eps = CDbl(InputBox(" eps - dokhil kuned"))
   d = CDbl(InputBox(" delta - dokhil kuned"))
   Text1.Text = CStr(tk)
   Text2.Text = CStr(t0)
   Text3.Text = CStr(n0)
   Text4.Text = CStr(h)
   Text5.Text = CStr(eps)
   Text6.Text = CStr(d)
   Label4.Caption = "tk"
   Label5.Caption = "t0"
   Label6.Caption = "n0"
   Label7.Caption = "h"
   Label8.Caption = "epsilon"
   Label9.Caption = "delta"
   Label2.Caption = "maltus"
   Label3.Caption = "logistiki"
```

```
    max = Int((tk - t0) / h)
    ReDim ar(0 To max, 0 To 2)
    For t = t0 To tk Step h
    n = n0 * Exp(d * t)
    m = n0 * Exp(d * t) / (1 + n0 * (Exp(d * t) - 1) * eps / d)
        List1.AddItem (t)
        List2.AddItem (n)
        List3.AddItem (m)
        Next t
    For j = 0 To List1.ListCount - 1
          ar(j, 0) = """ + CStr(j) + """
        ar(j, 1) = List2.List(j)
        ar(j, 2) = List3.List(j)
    Next j
End Sub
Private Sub List1_Click()
    List2.ListIndex = List1.ListIndex
    List3.ListIndex = List1.ListIndex
End Sub
Private Sub List1_Scroll()
    List2.TopIndex = List1.TopIndex
    List3.TopIndex = List1.TopIndex
End Sub
Private Sub List2_Click()
    List1.ListIndex = List2.ListIndex
    List3.ListIndex = List2.ListIndex
End Sub
Private Sub List2_Scroll()
    List1.TopIndex = List2.TopIndex
    List3.TopIndex = List2.TopIndex
End Sub
Private Sub List3_Click()
    List2.ListIndex = List3.ListIndex
    List1.ListIndex = List3.ListIndex
End Sub
Private Sub List3_Scroll()
    List2.TopIndex = List3.TopIndex
    List1.TopIndex = List3.TopIndex
End Sub
Option Explicit
Private Sub Form_Load()
 chrt.Title = "The Number of population: Maltus va Logistiki"
End Sub
Private Sub Form_Resize()
Me.WindowState = 2
chrt.Left = 0
chrt.Top = 0
chrt.Height = Me.Height - 2000
chrt.Width = Me.Width
Dim i As Long
Option1(0).Top = Me.Height - 1500
Option1(0).Left = Me.Left
For i = 1 To 9
  Option1(i).Visible = True
  Option1(i).Top = Option1(0).Top
  Option1(i).Left = Option1(i - 1).Left + Option1(0).Width + 150
Next
End Sub
```

```
Private Sub Option1_Click(index As Integer)
  chrt.chartType = index
  'MSCh.ChartData = ar
 ' MS.Legend.Location.LocationType = VtChLocationTypeTop
End Sub
Option Explicit
Private Sub Form_Load()
 chrt.Title = "The Number of population: Maltus va Logistiki"
End Sub
Private Sub Form_Resize()
Me.WindowState = 2
chrt.Left = 0
chrt.Top = 0
chrt.Height = Me.Height - 2000
chrt.Width = Me.Width
Dim i As Long
Option1(0).Top = Me.Height - 1500
Option1(0).Left = Me.Left
For i = 1 To 9
  Option1(i).Visible = True
  Option1(i).Top = Option1(0).Top
  Option1(i).Left = Option1(i - 1).Left + Option1(0).Width + 150
Next
End Sub
Private Sub Option1_Click(index As Integer)
  chrt.chartType = index
  'MSCh.ChartData = ar
 ' MS.Legend.Location.LocationType = VtChLocationTypeTop
End Sub
```

Вычислительные эксперименты:



Рисунок 2.



Рисунок 3.



Рисунок 4.



Рисунок 5.



t	maltus	logistiki
0	5	5
0,1	5,52585459037824	5,49694863365742
0,2	6,10701379080085	6,04014851376858
0,3	6,74929403788002	6,63325883653535
0,4	7,45912348820635	7,28009691500527
0,5	8,24360635350064	7,98461681518076
0,6	9,11059400195254	8,75088081985363
0,7	10,0687635373524	9,58302277324592
0,8	11,1277046424623	10,485202407751
0,9	12,2980155557847	11,4615498637912
1	13,5914091422952	12,5160997998335
1,1	15,0208301197322	13,6527147662724
1,2	16,6005846136827	14,8749978964245
1,3	18,3464833380962	16,1861954581964
1,4	20,2759998342234	17,5890904120389
1,5	22,4084453516903	19,0858888256012
1,6	24,7651621219756	20,6781017811785
1,7	27,369736958636	22,3664262413898
1,8	30,2482373220647	24,1506291575857
1,9	33,4294722113964	26,0294398441279
2	36,9452804946533	28,0004562165074
2,1	40,8308495628383	30,060070811785
2,2	45,1250674971706	32,2034224876158
2,3	49,8709122740736	34,4243792568418
2,4	55,115881903208	36,7155568114677
2,5	60,9124698035174	39,068375916487
2,6	67,3186901750085	41,4731600547213
2,7	74,3986586243642	43,9192725777958

Рисунок 6.

ЛИТЕРАТУРА:

1. Барро Р.Д., Сала-и-Мартин Х. Экономический рост / Пер. с англ. – М.: Бином. // Лаборатория знаний, 2010. – 824 с. ISBN: 978-5-94774-790-4.
2. Бланшар О.Ж., Фишер С. Лекции по макроэкономике = Lectures on macro-economics. – М.: Издательский дом «Дело» РАНХиГС, 2014. – 680 с. ISBN: 978-5-7749-0829-5.
3. Джонс Ч.И., Воллрат Д. Введение в теорию экономического роста = Introduction to Economic Growth. – М.: Издательский дом «Дело» РАНХиГС, 2018. – 296 с. ISBN: 978-5-7749-1299-5.
4. Нуреев Р.М. Экономика развития: модели становления рыночной экономики. – М.: НОРМА, 2008. – 367 с. ISBN: 978-5-468-00159-2.
5. Ромер Д. Высшая макроэкономика = Advanced Macroeconomics. – М.: Изд. дом ВШЭ, 2014. – 855 с. ISBN: 978-5-7568-0406-2.
6. Туманова Е.А., Шагас Н.Л. Макроэкономика. Элементы продвинутого подхода. – М.: ИНФРА-М, 2004. – 400 с. ISBN: 5-1600-1864-6.
7. De Long J.B. Productivity Growth, Convergence, and Welfare: Comment // The American Economic Review (англ.) рус. – 1988. – Vol. 78. – №5. – P. 1138-1154.
8. Hall R.E., Jones C.I. The Productivity of Nations // NBER Working Paper. – 1996. – №5812. DOI:10.3386/w5812.
9. Solow R.M. Technical Change and the Aggregate Production Function // The Review of Economics and Statistics (англ.) рус. – 1957. – Август, vol. 39. – №3. – P. 312-320.
10. Yunusi M.K. Tajikistan by 2000 and some Integration Questions Modeling of Global Economy. The book: Globalization of the Economy. The Effects on Politics Society and Family. The 8-th Inter. Congress of

PWPA. – Seoul, Korea, February, 10-14, 2000. – P. 136-139. See also: Preprint, the same title. – Seoul, Korea, February 10-14, 2000. – 15 p.
11. Yunusi M.K. Introduction to the model economy. – Dushanbe: TNU, 2001. – 37 p.
12. Yunusi M.K. General model production with corresponding economical systems and its applications. ICM 2002. – Beijing, Chine 2002. – P. 385. (See also: The same name, Preprint. TNU. – Dushanbe, 2002. – 22 p.).
13. Yunusi M.K. The model functional and its application's. The Book. Modern problems and applications of algebra, number theory and mathematical analysis. – Dushanbe, 2019. – PP. 292-297.
14. Yunusi M.K. The Producing functional and its applications. International journal of pure mathematics, doi: 10.46300/91019.2020.7.1, Volume 7, 2020. ISSN: 2313-0571.
15. Muhamadyusuf Yunusi. Generating spaces with weights and their application in solving modern problems of science and technology // J. University Bulletin. – No.3, 2021. – PP. 92-102.
16. Юнуси Ф.М. Общие модели экономики и анализ их параметров // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). – 2011. – №1(65). – PP. 33-43.
17. Юнуси Б.М. Дерево чисел в уменьшении размерности массивов // Вестник Таджикского национального университета, 2021. – №4. – С. 151-161.

КОРКАРДИ ОЗМОИШИ КОМПЮТЕРӢ ДАР ЗАБОНИ БАРНОМАСОЗИИ VISUAL BASIC БАРОИ ПЕШГӮИИ ШУМОРАИ ЗАХИРАҲОИ МЕҲНАТӢ

Мақола ба таҳияи як воситаи ҳисоббарорӣ дар шакли маҷмуи барномаҳо дар забони барномасозии VB бо мақсади пешгӯии шумораи захираҳои меҳнатӣ бо дарназардошти вақт, синну сол ва мавқеи фазоӣ дар доираи амсилаҳои логистикии нуқтагӣ бахшида шудааст. Намунаи сохтани амсилаҳои оддитарини компютерии захираҳои меҳнатӣ, инчунин гузаронидани таҷрибаҳои ҳисоббарорӣ бо маълумоти амсилавӣ нишон дода шудааст. Методологияи таҳияшуда дар амсилаи маъруфи рушди логистикӣ, ки дар экология ва иқтисодиёт татбиқи сершумор дорад, тафсир шудааст.

КАЛИДВОЖАҲО: воситаи ҳисоббарорӣ, техника, барнома, амсилаҳои компютерӣ, таҷрибаҳои ҳисоббарорӣ, амсилаи логистикӣ, захираҳои меҳнатӣ.

МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН: Исозода Афзалшо Зиёдулло, омӯзгори кафедраи информатика ва ҳифзи иттилооти Донишгоҳи давлатии Данғара.

Юнуси Фирдавс Маҳмадюсуф, унвонҷӯи кафедраи амсиласозии математикии компютерии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Шарифов Бахтиёр Латифович, омӯзгори кафедраи информатикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

РАЗРАБОТКА КОМПЬЮТЕРНОГО ЭКСПЕРИМЕНТА НА ЯЗЫКЕ ПРОГРАМИРОВАНИЯ VISUAL BASIC ДЛЯ ПРОГНОЗИРОВАНИЯ ЧИСЛЕННОСТИ ТРУДОВЫХ РЕСУРСОВ

Статья посвящена разработке вычислительного инструмента в виде комплекса программ на языке VB с целью прогнозирования численности трудовых ресурсов с учетом временных возрастных - пространственных распределений в случае точечных логистических моделей. Показан пример создания простейших компьютерных моделей трудовых ресурсов, а также проведению вычислительных экспериментов с модельными данными. Разработанная методика интерпретируется на хорошо известной модели логистического роста, имеющего многочисленных применений в экологии и экономике.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: вычислительный инструмент, методика, программа, компьютерные модели, вычислительные эксперименты, логистическая модель, трудовые ресурсы.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ: Исозода Афзаошо Зиёдулло, преподаватель кафедры информатики и защиты информации Дангаринского государственного университета.

Юнуси Фирдавс Махмадюсуф, соискатель кафедры математического компьютерного моделирования Таджикского национального университета.

Шарифов Бахтиёр Латифович, преподаватель кафедры информатики Таджикского национального университета.

РАЗРАБОТКА КОМПЬЮТЕРНОГО ЭКСПЕРИМЕНТА НА ЯЗЫКЕ ПРОГРАМИРОВАНИЯ VISUAL BASIC ДЛЯ ПРОГНОЗИРОВАНИЯ ЧИСЛЕННОСТИ ТРУДОВЫХ РЕСУРСОВ

The article is devoted to the development of a computing tool in the form of a set of applications in the VB language in order to predict the number of labour resources, taking into account time, age and spatial location within the point logistics models. An example of creating the simplest computer models of labour resources, as well as conducting computational experiments with model data is shown. The developed methodology is interpreted on a well-known model of logistic growth, which has numerous applications in ecology and economics.

KEY WORDS. computational tool, technique, program, computer models, computational experiments, logistic model, labour resources.

INFORMATION ABOUT THE AUTHORS: Isozoda Afzaosho Ziyodullo, Lecturer at the Department of Informatics and Information Security of the Dangara State University.

Yunusi Firdavs Mahmadyusuf, PhD student at the Department of Mathematical Computer Modeling of the Tajik National University.

Sharifov Bakhtiyor Latifovich, Lecturer at the Department of Informatics of the Tajik National University.

УСУЛИ ТАНЗИМИ СОХТОРҲОИ БИОЛОГИИ НОУСТУВОРИ МАМНУЪГОҲИ «БЕШАИ ПАЛАНГОН»

Гулов С.Х.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
Мирзоев С.Ҳ., Одиназода С.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқаддима. Ҳифзи захираҳои табиӣ, хусусан нигоҳдории намудҳои нодир ва қиматбаҳои биологӣ, аз ҷумлаи муҳимтарин вазифаҳои инсонӣ ба шумор меравад, ки он дар ҳолатҳои мухталифи ангезаҳои антропогенӣ ба пешгӯӣ ва арзёбии динамикаи популятсияҳо, ҳамҷамъиятҳои биологӣ ва системаҳои экологӣ (экосистемаҳо) ниёз дорад. Гузаронидани озмоишу таҷрибаҳои бевоситаи илмӣ барои экосистемаҳо бағоят гарон ва тулонӣ ба даст меоянд ва дар баъзе мавридҳо ба даст овардани онҳо ғайриимкон мебошад. Бинобар ин, зарурати банақшагирӣ ва гузаронидани намудҳои гуногуни чорабиниҳои муҳофизатӣ ба миён меояд, ки онҳо ба натиҷаҳои пешдиди қарорҳои қабулшаванда вобаста мебошанд. Ҳамаи ин далелҳо актуалӣ будани мавзуи матраҳшударо ифода мекунад.

Омӯзиши масъалаи мазкур дар корҳои илмии олимон ва муҳаққиқони машҳури хориҷию ватанӣ Малтус Т., Ферхюлст П., Лотки А., Одум Ю., Мей Р., Ҷеффрис К., Jorgensen S.E., Chen C.W., Orlob G.T., Straskraba A., Di Toro D.M., Ikushima I., Park R.A., Steele J.H., Vollenweider R.A., Volterra V., WebbClenn F., Моисеев Н.Н., Свирежев Ю.М., Воинов А.А., Логофет Д.О., Тарко А.М., Алексеев В.В., Лукянов Н.К., Горстко А.Б., Домбровский Л.В., Меншуткин В.В., Винберг Г.Г., Анисимов С.И., Леонов А.В., Юнусӣ М.К., Комилиён Ф.С. ва дигарон ба мушоҳида мерасад [3].

Амсиласозии математикии динамикаи миқдори популятсияи биологӣ таърихи нисбатан тулонӣ дошта, дар ин ҷода мавқеи пешоҳангиро амсилаи Т. Малтус, ки барои баҳисобгирии афзоиши экспоненсиалии аҳолии кураи Замин бахшида шудааст, ишғол менамояд. Амсилаи Малтусро П. Ферхюлст бо дарназардошти маҳдудияти афзоиши популятсия такмил дода, муодилаи логистикии ӯ боиси пайдо шудани амсилаи классикии «даранда-сайд»-и Лотка-Волтерра гардид.

Самти махсусро дар таҳқиқи таҳаввулоти системаҳои экологӣ – масъалаи устуворӣ ва сифатан устувории мамнуъгоҳҳо ташкил медиҳад. Пас аз пайдо шудани меъёрҳои Р. Мей ва К. Ҷеффрис, устуворӣ ва сифатан устувории мамнуъгоҳҳо омӯхта шуда, дар таҳқиқоти муаллифони гуногун истифода шуданд.

Мафҳуми потенсиали биологӣ бошад аз тарафи А. Лотка барои амсилаҳои нуқтагии популятсияҳои алоҳида нигоҳдошташаванда ворид карда шуда, барои амсилаҳои умумии системаҳои экологӣ, бо дарназардошти синну сол ва тақсимоти фазоӣ, аз тарафи олими тоҷик профессор М. Юнусӣ ҷорӣ ва асоснок карда шудааст [1].

Масъалаҳои устуворӣ ва сифатан устувории мамнуъгоҳ. Масъалаи устуворӣ ва сифатан устувори экосистемаи мамнуъгоҳи «Бешаи палангон» (барои қисмати қамишию биёбонӣ) вобаста ба таъсири мутақобилаи намудҳои биологии он дар расми 1 оварда шудааст.



Расми 1. Амсилаи консептуалии системаи экологии мамнӯъгоҳи «Бешаи палангон» (барои қисмати қамишию биёбонӣ).

Дар асоси амсилаи консептуалии сохташуда (расми 1) ва меъёрҳои устувории сифатии Р. Мей ва К. Джеффрис сифатан устувор ва ноустувор будани мамнуъгоҳи «Бешаи палангон» (барои қисмати қамишию биёбонӣ)-ро муайян менамоем [2; 7].

Дар асоси матритсаи ҳамҷамъият барои сохторҳои биологии сифатан устувор ва ноустувори мамнуъгоҳи «Бешаи палангон» дар мисоли сохторҳои биологии таъсири мутақобилаи қисматҳои қамишию биёбонӣ системаи биологии мамнуъгоҳ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.



а) б)

Расми 2. а) ГАТ-и системаи сесатҳа; б) ГАТ-и системаи чорсатҳа.

Собит шудааст, ки системаи муттаҳидаи чорсатҳаи «ҳамҷамъияти растаниҳо-ҳайвоноти гиёҳхӯр-дарандаҳо-хояндаҳо» бо ГАТ-и таъсири мутақобил, ки дар расми 2 б оварда шудааст, сифатан устувор намебошад.

Барои экосистемаи бисёрсатҳаи «ҳамҷамъияти растаниҳо (1), ҳайвоноти гиёҳхӯр (2), дарандаҳо (3), парандаҳо (4), моҳиҳо (5), хазандаҳо (6), ҳашарот (7), хояндаҳо (8), ҳашаротхӯрҳо (9), тортанакшаклҳо (10), обхокиҳо (11), дастболҳо (12)», граф бо алоқаҳои трофикии (ГАТ) дар расми 3 тасвиршуда низ шартҳои устувории сифатӣ иҷро намегардад, то он замоне, ки алоқаҳои «рах-рах»-и миёни популятсияҳо ба назар гирифта нашавад, он гоҳ системаи муоинашаванда ба системаи сифатан устувор мубаддал мегардад. Аз ин рӯ, барои ба даст овардани сохтори устувори ҳамҷамъияти мамнуъгоҳ бояд ба таври сунъӣ шумораи популятсияҳои мувофиқ тавре тағйир дода шаванд, ки алоқаҳои «рах-рах»-и ГАТ аз байн раванд [6].



Расми 3. ГАТ-и экосистемаи бисёрсатҳа.

Усули муназзамсозии сохтори биологии мамнуъгоҳ. Акнун усули муназзамсозии сохторҳои биологии ноустувори «Бешаи палангон» (барои қисмати қамишию биёбонӣ)-ро дида мебароем. Моҳияти усул аз он иборат аст, ки дар ҳамҷамъияти экологии додашуда ё таносуби байни шумораи намудҳои он тағйир дода мешавад, ё ба он намудҳои нав илова мегарданд («васеъшавӣ»-и ҳамҷамъият), ё аз он баъзе аз намудҳо нест карда мешаванд («тангшавӣ»-и ҳамҷамъият), то ки ҳамҷамъияти нави ташаккулёфта устувор гардад. Усули муназзамсозӣ маънои математикии онро дорад, ки аз маҷмуи U зермаҷмуи U^* ҷудо карда мешавад, то ҳолати системаи экологии асимптотӣ устувор гардад.

Бигузор матритсаи ҳамҷамъияти мамнуъгоҳ [1-2]:

$$\dot{N} = f(N,t) + Bu, 0 < t \leq t_k,$$

дар намуди зерин

$$A = \frac{\partial f}{\partial N}\Big|_N$$

ва амсилаҳо бо дарназардошти синну сол ва тақсимоти фазоӣ чунин муайян карда шаванд [2-3]:

$$\frac{\partial N}{\partial t} + \frac{\partial N}{\partial a} = f(N,t) + Bu, N(0,t) = \int_0^\infty \mathrm{B}_0(\xi)N(\xi,t)d\xi \qquad 0 < t \le t_k, a > 0, \qquad (1)$$

ки дар ин ҷо N – вектори массаи биологии m намуди системаи экологӣ, $f = f(N, t)$ – вектор-функсияи m-ченакаи суръати тағйирёбии N, B – матритсаи андозааш mxr, ки самти таъсирро ба системаи экологӣ тавсиф мекунад ва $u=u(t)$ – вектор-функсияи r-ченакаи таъсиррасонӣ ба системаи экологӣ тавассути тағйир додани (иловакунӣ ва камкунӣ)-и шумораи ин ё он намудҳои биологӣ мебошанд.

Матритсаи ҳамҷамъият бо дарназардошти синну солу ҳайат ва тақсимоти маконӣ (фазоӣ) ба мо чунин муайян карда мешавад [2; 5]:

$$A = (a_{ij}), \quad A = B_0(0) + \int_0^\infty e^{-\delta\xi} d\overline{B}(\xi),$$

ки $\overline{B}(a)$ – матритсаи зиндамонӣ, $B_0(0)$ - матритсаи таваллуд, a_{ij} - таъсири намуди j-юм ба намуди i-юм мебошад.

Фарз мекунем, ки дар экосистемаи экологӣ m намудҳои биологӣ умр ба сар мебаранд ва агар як миқдор навъҳои гуногун ва якхелаи экосистема байни худ ба рақобат пайваст бошанд, он гоҳ ин муносибат ба нестшавии матритсаи A бурда мерасонад. Аз ин лиҳоз, бояд устуворӣ ва сифатан устувории системаи экологӣ дар дилхоҳ маврид вобаста ба элементҳои нишонии матритсаи a_{ij} нигоҳ дошта шавад. Зеро дар амсилаи (1) синну сол ба эътибор гирифта шуда, $a = t + \tau, \phi_i(t,\tau) = N(t+\tau, t)$, ба тағйирёбандаи зерин иваз карда шудааст:

$$\frac{\partial \phi}{\partial t} = f(\phi, t) + Bu, \qquad 0 < t \le t_k.$$

Таъриф. *Вектор-функсияи $u=u(\phi,t)$, ки ба ҳар як вектори мувофиқи $N=N(t)$ дар вақти t қимати $u=u(\phi\ (N0,t),t)$, $N0=N(0)$ дошта бошад, қонуни усули сифатан муназзамсозии амсилаи экологии (1) номида мешавад, агар экосистемаи ба ин вектори мувофиқ сифатан устувор бошад.*

$$\begin{cases} \frac{\partial v}{\partial t} + (f, \frac{\partial v}{\partial \phi}) < 0, \\ v(\phi, 0) = \phi(\phi), \quad \phi > 0 \\ \phi(0) = 0, \qquad \phi(\phi) > 0, \quad \phi > 0 \end{cases} \qquad (2)$$

Он гоҳ қонуни сифатан муназзамсозии экосистема бо формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$u = -\frac{1}{2}B^T \frac{\partial v}{\partial \phi}. \qquad (3)$$

Дар ин ҷо B^T - матритсаи транспоронидашуда ба матритсаи B мебошад. Агар, ба ҷои нобаробарии дифференсиалӣ (2) муодилаи дифференсиалии $\frac{\partial v}{\partial t} + \left(f, \frac{\partial v}{\partial \phi}\right) = f^0(\phi, t)$ гирем, ки дар ин ҷо $f^0 = f^0(\phi,t)$ мебошад, он гоҳ мо масъалаи муназзамсозии оптималии амсилаи экосистемаи нигоҳдории популятсияро ҳосил мекунем.

Акнун мисолҳоро доир ба татбиқи амсилаи мазкур дида мебароем:

Мисоли 1. Бо осонӣ дида мешавад, ки амсилаи экологии зерин

$$\dot{N}_1 = -aN_1 + bN_2 + cN_3,$$
$$\dot{N}_2 = -dN_3,$$
$$\dot{N}_3 = eN_2,$$

ки дар он $a,в,c,d,e$ – доимиҳои мусбат мебошанд, сифатан ноустувор мебошад. Акнун ба воситаи усули сохташуда амсилаи овардашударо муназзам месозем:

$$\dot{N}_1 = -aN_1 + bN_2 + cN_3 + \alpha u_1,$$
$$\dot{N}_2 = -dN_3 + \beta u_2,$$
$$\dot{N}_3 = eN_2 + \gamma u_3,$$

дар ин ҷо α, β, γ – ададҳои мусбат мебошанд. Барои амсилаи додашуда функсияи Ляпуновро $v=v(N,t)$ дар намуди зерин месозем:

$$v=\sum_{l=1}^{3} a_l N_l^2,$$

ки дар ин ҷо a_l, $l=\overline{1,3}$ доимии мусбати ихтиёрӣ мебошанд, зимнан $0\le a_2\le 1$. Функсияи $u_l=u_l(N,t)$, $l=\overline{1,3}$-ро вобаста ба (3) интихоб менамоем, ки шартҳои (1.3) иҷро шаванд. Пас

$$\frac{dv}{dt}=2a_1N_1\dot{N}_1+2a_2N_2\dot{N}_2+2a_3N_3\dot{N}_3=-2a_1aN_1^2+2a_1bN_1N_2+2a_1cN_1N_3-$$
$$-2a_2dN_2N_3+2a_3eN_2N_3+2a_1\alpha u_1N_1+2a_2\beta u_2N_2+2a_3\gamma u_3N_3,$$

буда, қиматҳои $u_1=-\frac{b}{\alpha}N_2$, $u_2=-\frac{a_3e-a_2d}{a_2\beta}N_3$, $u_3=-\frac{a_1c}{a_3\gamma}N_1$, гузошта ҳосил мекунем $\frac{dv}{dt}<0$, он гоҳ $\frac{dv}{dt}=-2a_1aN_1^2$ мешавад.

Аз ин рӯ, амсилаи муназзамшуда

$$\dot{N}_1=-aN_1+cN_3,$$
$$\dot{N}_2=-(d+a_3e-a_2d)N_3,$$
$$\dot{N}_3=eN_2-a_1cN_1$$

сифатан устувор мегардад. Дар ҳақиқат матритсаи мутақобилаи охир намуди зеринро мегирад

$$A=\begin{pmatrix} -a & 0 & c \\ 0 & 0 & -[a_3e+(1-a_2)d] \\ -a_1c & e & 0 \end{pmatrix}$$

ва он ҳамаи шартҳои сифатан устувориро қаноат мекунонад.

Мисоли 2. Системаи ноустуворро дида мебароем:

$$\dot{N}_1=-N_2,$$
$$\dot{N}_2=-N_3+N_1,$$
$$\dot{N}_3=N_2-N_3-N_4,$$
$$\dot{N}_4=N_3-N_5,$$
$$\dot{N}_5=N_4.$$

ва усули мунназамсозиро истифода мебарем

$$\dot{N}_1=-N_2+\alpha_1u_1,$$
$$\dot{N}_2=-N_3+N_1+\alpha_2u_2,$$
$$\dot{N}_3=N_2-N_3-N_4+\alpha_3u_3,$$
$$\dot{N}_4=N_3-N_5+\alpha_4u_4,$$
$$\dot{N}_5=N_4+\alpha_5u_5$$

ва барои он функсияи Ляпуновро месозем:

$$v=\sum_{l=1}^{5} a_l N_l^2,$$

дар ин ҷо a_l – адади мусбат буда, $l=\overline{1,5}$.

Ҳамин тариқ,

$$\frac{dv}{dt}=2a_1N_1(-N_2+\alpha_1u_1)+2a_2N_2(N_1-N_3+\alpha_2u_2)+2a_3N_3(N_2-N_3-N_4+\alpha_3u_3)+\ +2a_4N_4(N_3-$$
$$N_5+\alpha_4u_4)+2a_5N_5(N_4+\alpha_5u_5)=2(a_2-a_1)N_1N_2+2(a_4-a_3)N_3N_4+2(a_5-$$
$$-a_4)N_4N_5-2a_3N_3^2+2\alpha_1u_1N_1+2\alpha_2a_2u_2N_2+2a_3\alpha_3N_3+2\alpha_4a_4u_4N_4+2\alpha_5a_5u_5N_5$$ -ро

ҳосил намуда, қиматҳои

$$u_1=-\frac{a_2-a_1}{\alpha_1a_1}N_2,\ u_2=-\frac{a_3-a_2}{\alpha_2a_2}N_3,$$
$$u_3=-\frac{a_4-a_3}{\alpha_3a_3}N_4,\ u_4=-\frac{a_5-a_4}{\alpha_4a_4}N_5,\ u_5=N_5,$$

гузошта ҳосил мекунем:

$$\frac{dv}{dt}<0,$$

дар натиҷа системаи муназзамшудаи зеринро ҳосил мегардад:

$$\dot{N}_1=-\frac{a_2}{a_1}N_2,$$
$$\dot{N}_2=N_1-\frac{a_3}{a_2}N_3,$$
$$\dot{N}_3=N_2-N_3-\frac{a_4}{a_3}N_4,$$

$$\dot{N}_4 = N_3 - \frac{a_5}{a_4} N_5,$$

$$\dot{N}_5 = N_4 - \alpha_5 N_5,$$

ки он ҳамаи шартҳои сифатан устворирo қаноатманд мекунонад. Дар ҳақиқат матиритсаи мутақобилаи

$$A = \begin{pmatrix} 0 & -\frac{a_2}{a_1} & 0 & 0 & 0 \\ 1 & 0 & -\frac{a_3}{a_2} & 0 & 0 \\ 0 & 1 & 0 & -\frac{a_4}{a_3} & 0 \\ 0 & 0 & 1 & 0 & -\frac{a_5}{a_4} \\ 0 & 0 & 0 & 1 & -\alpha_5 \end{pmatrix}$$

ҳамаи шартҳои сифатан устворирo қаноатманд мекунонад.

АДАБИЁТ:

1. Логофет Д.О., Юнуси М.К. Вопросы качественной устойчивости и регуляризации в динамических моделях агробиоценоза хлопчатника // Вопросы кибернетики, вып. 52. – Москва, 1979. – С. 69-70.
2. Мирзоев, С.Х. Способ регуляризации неустойчивых структур сообществ экосистем региональных заповедников республики Таджикистан / С.Х. Мирзоев // Вестник технологического университета. Т. 20. – Казань, 2017. – №7. – С. 12-24.
3. Мирзоев С.Х. Математическое моделирование динамики экосистемы заповедника «Дашти-Джум» / С.Х. Мирзоев. – Душанбе: Эр-граф, 2018. – 148 с.
4. Мирзоев, С.Х. Математическое моделирование экосистем заповедника «Дашти-Джум» с учетом возрастных структур / С.Х. Мирзоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. – Душанбе: Сино, 2018. – №2. – С. 16-21.
5. Одинаева, С.А., Юнуси М.К. О регуляризации неустойчивых структур экосистем региональных заповедников с учетом возрастного состава. / Одинаева С.А. // Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. – 2016. – №1-2(196). – С. 71-77.
6. Одинаев, А.Х., Одиназода С.А. Анализ качественной устойчивости экологической системы заповедника «Рамит» под воздействием внешних факторов / Одинаев А.Х., Одиназода С.А. // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия естественных наук. – 2022. – №2-2(99). – С. 16-21.
7. Одиназода, С.А., Давлатов, Д.М. Концептуальная и математическая модель состояния одной пятиуровневой экологической системы / Одиназода С.А., Давлатов Д.М. // Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. – 2022. – №2. – С. 141-152.

УСУЛИ ТАНЗИМИ СОХТОРҲОИ БИОЛОГИИ НОУСТУВОРИ МАМНУЪГОҲИ «БЕШАИ ПАЛАНГОН»

Дар мақола баъзе масъалаҳои танзими амсилаҳои ноустувори сохторҳои биологии замонӣ-синнусолӣ ва фазоӣ-тақсимотӣ, ки бо муодилаҳои ғайримаҳдуди ҳудудӣ тасвир ёфтаанд, баррасӣ гардидаанд. Натиҷаҳои ҳосилшуда зимни банақшагирии чорабиниҳо оид ба муборизаи биологӣ бо зараррасонҳои системаҳои экологӣ ва ҳифзи намудҳои нодир ва камшаванда аҳамияти методологӣ доранд.

КАЛИДВОЖАҲО: танзимкунӣ, устуворӣ, муодила, амсилаи ноустувор, сохторҳои биологӣ, экосистема.

МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН: Гулов Самандар Ҳасанович, омӯзгори кафедраи системаи автоматии коркарди ахборот ва шабакаҳои алоқаи Донишгоҳи давлати Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел.: (+992) 98-552-05-44; e-mail: sgulov_88@mail.ru

Мирзоев Саъйло Ҳабибулоевич, доктори илмҳои техникӣ, дотсенти кафедраи информатикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тел.: (+992) 98-507-27-87; e-mail: saidalo.mirzoev.1967@mail.ru

Одиназода Сафаргул Отабек, номзади илмҳои физика-математика, декани факултети муштараки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти олии Белоруссия. Тел.: (+992) 918-85-70-83; e-mail: safargulodinazoda@gmail.com

МЕТОД РЕГУЛИРОВАНИЯ БИОЛОГИЧЕСКИХ НЕУСТОЙЧИВЫХ СТРУКТУР ЗАПОВЕДНИКА «ТИГРОВАЯ БАЛКА»

В работе рассмотрены некоторые вопросы регуляризации неустойчивых моделей временно-возрастных и пространственно-распределенных биологических структур, которые описаны уравнениями в частных производных параболического типа с нелокальными граничными условиями. Полученные

результаты имеют методологическое значение при планировании мероприятия биологической борьбы с вредителями экосистем и охраны редких и исчезающих видов.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: регуляризация, устойчивость, уравнение, неустойчивые модели, биологические структуры, экосистема.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ: Гулов Самандар Хасанович, преподаватель кафедры автоматической системы обработки информации и сетей связи Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Тел.: (+992) 98-552-05-44; e-mail: sgulov_88@mail.ru

Мирзоев Саъйло Хабибулоевич, доктор технических наук, доцент кафедры информатики Таджикского национального университета. Тел.: (+992) 98-507-27-87; e-mail**:** saidalo.mirzoev.1967@mail.ru

Одиназода Сафаргул Атабек, кандидат физико-математических наук, декан совместного факультета Таджикского национального университета с высшими учебными заведениями Белоруссии. Тел.: (+992) 918-85-70-83; e-mail: safargulodinazoda@gmail.com

METHOD OF REGULATION OF BIOLOGICAL UNSTABLE STRUCTURES OF THE RESERVE «TIGER'S BALK»

The paper provides a method of regularization of unsustainable patterns of temporal and age-spatially distributed biological structures, which are described by partial differential equations of parabolic type with nonlocal boundary conditions. The results are of importance in the methodological planning activities biological pest control garden ecosystems and protect rare species and agricultures.

KEY WORDS: regularization, the stability of the equation, unsustainable, biological structures, ecosystem.

INFORMATION ABOUT THE AUTHORS: Gulov Samandar Hasanovich, Lecturer at the Department of Automatic Information Processing System and Communication Networks of the Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Phone: (+992) 98-552-05-44; e-mail: sgulov_88@mail.ru

Mirzoev Saylo Habibuloevich, Doctor of Technical Sciences, Associate Professor of the Department of Informatics of the Tajik National University. Phone: (+992) 98-507-27-87; e-mail: saidalo.mirzoev.1967@mail.ru

Odinazoda Safargul Atabek, Candidate of Physical and Mathematical Sciences, Dean of the Joint Faculty of Tajik Natsional University with the Belarusian University. Phone: (+992) 918-85-70-83; e-mail: safargulodinazoda@gmail.com

АМСИЛАИ МАТЕМАТИКӢ ВА КОМПЮТЕРИИ АВТОМАТИКУНОНИИ ВОСИТАҲОИ ҚАРЗӢ ДАР БОНК

Афзалшоҳи Сафархон
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Бо рушди иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар системаи иқтисодӣ, иҷтимию сиёсӣ ва такмили муносибатҳои иҷтимоӣ тағйироти куллӣ ба амал меоянд. Дар ин шароит муайян кардани масъалаҳои назариявӣ ва амалии музд дар соҳаҳо ва бахшҳои гуногуни иқтисодиёт, аз ҷумла муассисаҳои бонкӣ муҳим дониста мешавад. Дар замони муосир як қатор пойгоҳҳо барои тайёр кардани системаи бонкӣ мавҷуд мебошад, ки вазифаи асосии онҳо автоматикунонии хизматрасониҳои бонкӣ, интихоби ҳалли оптималӣ ва дастгирии фаъолнокии системаи интихобшуда мебошад. Дар ҷуҳурии мо вазъияти автоматикунонии системаи бонкӣ ба дараҷаи на он қадар хуб ба роҳ монда шудааст. Чунки дар аввал ба автоматикунонии системаи бонкӣ таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи даркорӣ набуда, бонкҳои ҷумҳурӣ бо он барномаҳое фаъолият мекарданд, ки ба ҳамдигар дар якҷоягӣ амал карда наметавонистанд.

Яке аз вазифаи асосии бонк ин ташкили институтҳои пулию қарзӣ мебошад. «Ташкил намудан» ин тақсими дурусти меҳнат ва низоми батартибандозии фаъолияти бонк аст. Самаранокии фаъолияти бонкҳо аз муносибат ба фоида ва хароҷотҳо муайян карда мешавад, зеро чи миқдоре унсурҳои хароҷот паст гарданд, ҳамон қадар натиҷаи ниҳоии ташкилотҳои қарзӣ мусбат эҳсос мегардад. Муқаррар шудааст, ки мукаммалгардонии раванди қарздиҳӣ, технологияи пешниҳоди қарз ва рӯйпӯшкунии қарз омили гирифтани натиҷаи мусбат мебошад.

Асосан дар амалияи ду намуди пардохти воситаҳои қарзӣ зиёдтар истифода мешавад: пардохти аннуитетӣ ва пардохти дифференсиалӣ.

Пардохти аннуитетӣ як варианти пардохти ҳармоҳа аз рӯи қарз, вақте ки ҳаҷми пардохти моҳона дар тамоми давраи қарздиҳӣ бетағйир боқӣ мемонад.

Пардохти моҳона барои нақшаи пардохти қарзи аннуитетӣ аз ду қисм иборат аст. Қисми якуми пардохт барои пардохти фоизи қарз истифода мешавад. Қисми дуюм барои пардохти қарз меравад. Нақшаи пардохти аннуитетӣ аз усули дифференсиалӣ бо он фарқ мекунад, ки дар аввали давраи қарз фоизҳо қисми зиёди пардохтро ташкил медиҳанд. Ҳамин тариқ, ҳаҷми қарзи асосӣ

оҳиста кам мегардад, барзиёд супоридани фоизҳо бо чунин нақшаи пардохти қарз бештар мешавад.

Бо нақшаи аннуитетӣ пардохти қарз, пардохти ҳармоҳа ҳамчун маблағи фоизи ҳисобшуда дар давраи ҷорӣ ва маблағи қарзи пардохтшаванда ҳисоб карда мешавад. Пардохти ҳармоҳаи аннуитетиро бо истифодаи формулаи зерин ҳисоб кардан мумкин аст:

$$x = S * \left(P + \frac{P}{(1+P)^N - 1} \right),$$

ки дар ин ҷо x - пардохти ҳармоҳа, S - маблағи ибтидоии қарз, P - (1/12) фоиз, N- шумораи моҳҳо.

Формулаи муайян кардани он ки кадом қисми пардохт, ки барои пардохти қарз рафт ва кадом қисми фоизро пардохт кардан зарур аст, хеле мураккаб буда, бидуни дониши махсуси математикӣ, барои як шахси оддӣ истифодаи он душвор хоҳад буд. Аз ин рӯ, мо ин қиматҳоро ба тариқи содда ҳисоб мекунем, ки натиҷаи якхела медиҳад.

Барои ҳисоб кардани фоизи пардохти аннуитетӣ ба мо лозим аст, ки бақияи қарзро барои давраи муайян ба фоизи солона зарб занем ва ҳамаи инро ба 12 (шумораи моҳҳои сол) тақсим кунем:

$$p_n = S_n . P/12,$$

дар ин ҷо p_n - фоизҳои ҳисобкардашуда, S_n- боқимондаи қарздорӣ дар ин давра, P - фоизи солонаи маош аз рӯи қарз мебошад.

Барои муайян кардани қисме, ки барои пардохти қарз меравад, ба мо лозим аст, ки фоизи ҳисобкардашударо аз пардохти ҳармоҳа нигоҳ дорем:

$$S = X - p_n,$$

ки дар ин ҷо S - қисми пардохти барои қарз сарфшуда, X – пардохти ҳармоҳа, p_n- фоизҳои ҳисобкардашуда дар лаҳзаи пардохти пурра.

Азбаски қисме, ки барои пардохти қарзи асосӣ меравад, аз пардохтҳои қаблӣ вобастагӣ дорад, бинобар ин, ҳисобкунии ҷадвал, мувофиқи ин усул, бояд аз пардохти аввал сар карда, пай дар пай ҳисоб карда шавад.

Барои ҳисоб кардани маблағи пардохти ҳармоҳа мо метавонем аз барномаи ҳисобкунии қарз истифода барем. Бо истифода аз барномаи ҳисобкунии қарз, мо метавонем андозаи фоизҳои ҳисобкардашуда, инчунин маблағеро, ки барои пардохти қарз равона карда мешавад, муайян кунем. Ғайр аз ин, мо метавонем ҷадвали пардохтро тартиб диҳем.

Сенарияи 1.



Расми 1. Равзанаи барномаи ҳисобкунии воситаҳои қарзӣ.



Месяц	Дата	Остаток кредита	Основной платёж	Проценты	Всего за платёж
1	Август 2021	100000,00	16322,81	833,33	17156,14
2	Сентябрь 2021	83677,19	16458,83	697,31	17156,14
3	Октябрь 2021	67218,36	16595,99	560,15	17156,14
4	Ноябрь 2021	50622,38	16734,29	421,85	17156,14
5	Декабрь 2021	33888,09	16873,74	282,40	17156,14
6	Январь 2022	17014,35	17014,35	141,79	17156,14

Расми 2. Натиҷаи ҳисобкунии пардохти аннуитетӣ дар намуди ҷадвалӣ.

Сенарияи 2.



Расми 3. Равзанаи барномаи ҳисобкунии воситаҳои қарзӣ.



Месяц	Дата	Остаток кредита	Основной платёж	Проценты	Всего за платёж
1	Август 2021	100000,00	5172,37	833,33	6005,71
2	Сентябрь 2021	94827,63	5215,48	790,23	6005,71
3	Октябрь 2021	89612,15	5258,94	746,77	6005,71
4	Ноябрь 2021	84353,21	5302,76	702,94	6005,71
5	Декабрь 2021	79050,44	5346,95	658,75	6005,71
6	Январь 2022	73703,49	5391,51	614,20	6005,71
7	Февраль 2022	68311,98	5436,44	569,27	6005,71
8	Март 2022	62875,53	5481,75	523,96	6005,71
9	Апрель 2022	57393,79	5527,43	478,28	6005,71
10	Май 2022	51866,36	5573,49	432,22	6005,71
11	Июнь 2022	46292,87	5619,93	385,77	6005,71
12	Июль 2022	40672,94	5666,77	338,94	6005,71
13	Август 2022	35006,17	5713,99	291,72	6005,71

Расми 4. Натиҷаи ҳисобкунии пардохти аннуитетӣ дар намуди ҷадвалӣ.

Пардохти дифференсиронӣ як варианти пардохти ҳармоҳа аз рӯи қарз мебошад, ки дар рафти он андозаи пардохти ҳармоҳа барои пардохти қарз дар охири давраи қарз тадричан кам мешавад.

Пардохти моҳонаи қарз бо нақшаи дифференсиронӣ аз ду ҷузъ иборат аст. Қисми аввал пардохти асосӣ номида мешавад, ки ҳаҷми он дар тамоми давраи қарз тағйир намеёбад. Пардохти асосӣ барои пардохти қарзи асосӣ меравад. Қисми дуюм дар охири давраи қарз кам мешавад. Ин қисми пардохт барои пардохти фоизи қарз истифода мегардад.

Ҳангоми нақшаи дифференсиронӣ пардохти қарз, пардохти ҳармоҳа ҳамчун маблағи пардохти асосӣ ва фоизҳо барои маблағи боқимондаи қарз ҳисоб карда мешавад. Табиист, ки миқдори боқимондаи қарз то охири давраи қарз кам мегардад ва аз ин рӯ, андозаи пардохти моҳона кам мешавад.

Маблағи пардохти асосӣ ба тариқи зайл ҳисоб карда мешавад: маблағи қарзро ба миқдори моҳҳое, ки мо қарзро пардохт кардан мехоҳем, тақсим мекунем, натиҷаи ҳосилшуда пардохти асосӣ хоҳад буд:

$$b = S/N,$$

ки дар ин ҷо b – пардохти асосӣ, S – андозаи қарз, N– миқдори моҳҳо.

Барои муайян кардани фоизи ҳисобшуда, ба мо лозим аст, ки бақияи қарзро барои давраи муайян ба фоизи солона зарб занем ва ҳамаи инро ба 12 (шумораи моҳҳои сол) тақсим кунем:

$$P = Sn \cdot P/12,$$

дар ин ҷо P– пардохти фоизҳо, Sn– тавозуни қарз дар давра, P– фоизи солонаи қарз.

Барои ҳисоб кардани тавозуни пардохтнашуда дар ин давра, яъне арзишро аз формулаи дар боло овардашуда муайян мекунем. Барои ин, ба мо лозим меояд, ки андозаи пардохти асосиро ба миқдори давраҳое, ки гузаштаанд, зарб кунем ва ҳамаи инро аз маблағи умумии пардохт тарҳ намоем.

$$Sn = S - (b \cdot n),$$

ки дар ин ҷо n – шумораи давраҳои гузашта мебошад.

Акнун натиҷаи барномаро дида мебароем:

Сенарияи 3.



Расми 5. Равзанаи барномаи ҳисобкунии воситаҳои қарзӣ.



Месяц	Дата	Остаток кредита	Основной платёж	Проценты	Всего за платёж
1	Август 2021	100000,00	16666,67	833,33	17500,00
2	Сентябрь 2021	83333,33	16666,67	694,44	17361,11
3	Октябрь 2021	66666,67	16666,67	555,56	17222,22
4	Ноябрь 2021	50000,00	16666,67	416,67	17083,33
5	Декабрь 2021	33333,33	16666,67	277,78	16944,44
6	Январь 2022	16666,67	16666,67	138,89	16805,56

Расми 6. Натиҷаи ҳисобкунии пардохти дифференсиронӣ дар намуди ҷадвалӣ.

Сенарияи 4.



Расми 7. Равзанаи барномаи ҳисобкунии воситаҳои қарзӣ.



Месяц	Дата	Остаток кредита	Основной платёж	Проценты	Всего за платёж
1	Август 2021	100000,00	5555,56	833,33	6388,89
2	Сентябрь 2021	94444,44	5555,56	787,04	6342,59
3	Октябрь 2021	88888,89	5555,56	740,74	6296,30
4	Ноябрь 2021	83333,33	5555,56	694,44	6250,00
5	Декабрь 2021	77777,78	5555,56	648,15	6203,70
6	Январь 2022	72222,22	5555,56	601,85	6157,41
7	Февраль 2022	66666,67	5555,56	555,56	6111,11
8	Март 2022	61111,11	5555,56	509,26	6064,81
9	Апрель 2022	55555,56	5555,56	462,96	6018,52
10	Май 2022	50000,00	5555,56	416,67	5972,22
11	Июнь 2022	44444,44	5555,56	370,37	5925,93
12	Июль 2022	38888,89	5555,56	324,07	5879,63
13	Август 2022	33333,33	5555,56	277,78	5833,33

Расми 8. Натиҷаи ҳисобкунии пардохти дифференсиронӣ дар намуди ҷадвалӣ.

Натиҷаҳои таҳлилҳои компютерӣ, ҳалли нави масъалаи оптимизатсионии системаҳои бонкӣ ва раванди автоматикунонии он, инчунин барномасозии масъалаҳои воситаҳои қарзиро

дар худ таҷассум мекунад. Натиҷаҳои таҳқиқотро барои ҳалли масъалаи пешгӯикунӣ ва банақшагирӣ, гузаронидани таҷрибаҳои ҳақиқӣ барои мизоҷон, системаҳои бонкӣ ва системаҳои автоматикунонӣ истифода бурдан мумкин аст.

АДАБИЁТ:

1. Юнуси Ф.М. Об одном методе решения экономических задач сводящие к задачам линейного программирования. – Душанбе ТГНУ: Central Asia Journal of Information Technology. – САЛТ, 2009. – PP. 140-142 (совместно с Юнуси М.К).
2. Юнуси Ф. О моделях экономических кризисов. Proceedings of 9th Inter. Conf. of the computer analysis of problems of a Sci. and technology. 30.12.2013 – 31.12.2013, (with M.K. Yunusi). – Dushanbe, 2013 – PP. 52-54.
3. Юнуси Ф. Об одном способе определения вычислительной сети. Proceedings of 9th Inter. Conf. of the computer analysis of problems of a Sci. and technology. 30.12.2013 – 31.12.2013 (совместно с М. Юнуси, Б. Юнуси). – Dushanbe, 2013. – С. 39-40.
4. Yunusi F. Modeling of Data Security Network Characteristic. The 8-th International Conference on the computer Analysis of problems of a Science and Technology. To Celebrate the 20-th Anniversary of the Republic of the Tajikistan. – PP. 30-31 (with S. Afsar). – Dushanbe, 2011. – PP. 30-32.
5. Yunusi F. About modeling economic crises. To Celebrate the 20-th Anniversary of the Republic of the Tajikistan (with M.K. Yunusi, M.M. Yunusi). – Dushanbe, 2011. – PP. 45-64.
6. Юнуси Ф. Наилучшие модели многосекториальной экономики. To Celebrate the 20-th Anniversary of the Republic of the Tajikistan (совместно с Юнуси М.К). – Dushanbe, 2011. – PP. 80-85.
7. Юнуси Ф. О моделях многосеториальной экономики. To Celebrate the 20-th Anniversary of the Republic of the Tajikistan (совместно М.М. Юнуси, М.К. Юнуси). – Dushanbe, 2011. – С. 49-53.

АМСИЛАИ МАТЕМАТИКӢ ВА КОМПЮТЕРИИ АВТОМАТИКУНОНИИ ВОСИТАҲОИ ҚАРЗӢ ДАР БОНК

Бо рушди иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар системаи шароити иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ ва такмили муносибатҳои иҷтимоӣ тағйироти куллӣ ба амал меоянд. Дар ин шароит муайян кардани масъалаҳои назариявӣ ва амалии музд дар соҳаҳо ва бахшҳои гуногуни иқтисодиёт, аз ҷумла муассисаҳои бонкӣ муҳим дониста мешавад. Дар замони муосир як қатор пойгоҳҳо барои тайёр кардани системаи бонкӣ мавҷуд мебошад, ки вазифаи асосии онҳо автоматикунонии хизматрасониҳои бонкӣ, интихоби ҳалли оптималӣ ва дастгирии фаъолнокии системаи интихобшуда мебошад. Бонк корхонаи маҳсулотистеҳсолкунанда набошад ҳам, барои гирифтани даромад маҳсулоти худро дорад, ки ин амалиётҳо ва хизматрасониҳои бонкӣ мебошад, аз ин рӯ, автоматикунонии ин масъала яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад.

Дар ин мақола амсилаи математикӣ ва компютерии раванди автоматикунонии пардохти воситаҳои қарзӣ оварда шудааст. Барномаи сохташуда дар забони барномасозии C++ коркард гардидааст. Ин барнома имконияти медиҳад, ки маблағи қарзи гирифташуда ҳам дар шакли ануитетӣ ва ҳам дар шакли дифференсиронӣ ҳисоб карда шавад.

КАЛИДВОЖАҲО*:* амсилаи математикӣ, амсилаи компютерӣ, воситаҳои қарзӣ, пардохти аннуитетӣ, пардохти дифференсиронӣ, автоматикунонӣ, бонк, забони барномасозӣ, иқтисодиёт, пул.

МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ: Афзалшоҳи Сафархон, ассистенти кафедраи информатикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тел.: (+992) 988-06-64-46; e-mail: sobirov.afzflsho@mail.ru

МАТЕМАТИЧЕСКАЯ И КОМПЬЮТЕРНАЯ МОДЕЛЬ АВТОМАТИЗАЦИИ КРЕДИТНЫХ СРЕДСТВ В БАНКЕ

С развитием рыночной экономики в Республике Таджикистан происходят корреные изменения в системе экономической, социально-политической условий и совершенствования социальных отношений. В этих условиях важным считается определение теоретических и практических проблем платы за труд в различных отраслях экономики, в частности в банковских учреждениях. В настоящее время существует ряд баз для подготовки банковской системы, основная задача которой является автоматизация банковской службы, выбор оптимального решения и поддержка активности выбранной системы. Хотя банк не является производительным предприятием, но для получения дохода свою продукцию в виде банковских операции и служб. Поэтому автоматизация этой проблемы считается одной из актуальной в экономике.

В этой статье приведена математическая и компьютерная модель автоматизации оплаты банковских средств. Созданная программа разработана на языке программирования C++. Эта программа дает возможность подсчитать сумму полученного кредита как в ануитетной, так и в дифференцированной формах.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА*:* математическая модель, комьютерная модель, кредитные средства, ануитетная оплата, дифференцированная оплата, автоматизация, банк, язык программирования, экономика, деньги.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: Афзалшохи Сафархон, ассистент кафедры информатики Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Тел.: (+992) 988-06-64-46; e-mail: sobirov.afzflsho@mail.ru

MATHEMATICAL AND COMPUTER MODEL OF AUTOMATION OF CREDIT FACILITIES IN A BANK

With the development of a market economy in the Republic of Tajikistan, fundamental changes are taking place in the system of economic, socio-political conditions and the improvement of social relations. Under these conditions, it is important to determine the theoretical and practical problems of wages in various sectors of the economy, in particular in banking institutions. Currently, there are a number of bases for preparing the banking system, the main task of which is to automate the banking service, select the optimal solution and support the activity of the selected system. Although the bank is not a productive enterprise, but to generate income for its products in the form of banking operations and services. Therefore, the automation of this problem is considered one of the most urgent in the economy.

This article presents a mathematical and computer model for automating the payment of bank funds. The created program was developed in the C++ programming language. This program makes it possible to calculate the amount of the loan received in both annuity and differentiated forms.

KEY WORDS: mathematical model, computer model, credit funds, annuity payment, differentiated payment, automation, bank, programming language, economics, money.

INFORMATION ABOUT THE AUTHOR: Afzalshohi Safarhon, Assistant of the Department of Informatics of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. Phone: (+992) 988-06-64-46; e-mail: sobirov.afzflsho@mail.ru

УДК: 621.382:669.782

ПРЕОБРАЗОВАТЕЛЬ ТЕПЛОВОЙ ЭНЕРГИИ НА ОСНОВЕ ГРАНУЛИРОВАННОГО КРЕМНИЯ

Кадыров А.Л., Касымов Д.А.
Худжандский государственный университет имени академика Бободжана Гафурова
Абдурахманов Б.М.
Институт ионно-плазменных и лазерных технологий Академии наук Республики Узбекистан

Внедрение оборотных технологий в производстве кремния-сырца привело наряду со снижением остроты экологических проблем этого производства к десятикратному снижению стоимости «солнечного электричества» и, соответственно, к росту объемов использования солнечных элементов (СЭ) [1]. Однако, с их помощью можно преобразовать в электричество только ~ 1/3 солнечного излучения, достигающего поверхности Земли. Поэтому использование для получения электричества оставшейся, нефотоактивной составляющей солнечного излучения является актуальной задачей и решается с помощью термоэлементов. Однако широкому их применению для преобразования, как теплового излучения Солнца, так и техногенного тепла препятствуют чрезвычайно высокая стоимость традиционных термоэлектрических материалов, применяемых в рабочем теле преобразователей тепловой энергии (ПТЭ) и не высокая эффективность самих ПТЭ.

Одно из перспективных решений задачи повышения термоэлектрической добротности (Z) ПТЭ базируется на создании системы «электронный кристалл-фононное стекло» (ЭК-ФС). Это решение достигается применением дорогостоящих нанотехнологий. Другая, также имеющая место в этой области техники, проблема, касающаяся поиска более дешевых материалов для ПТЭ взамен дорогостоящих существующих, вообще, далека от своего решения.

Таким образом, проведенные исследования в области кинетики переработки исходной боросиликатной руды царской водкой с целью извлечения B_2O_3 раскрывают механизм происходящих при этом процессов. Полученные результаты подтверждают тот факт, что механизм и кинетика процессов химической переработки боросиликатного сырья в большей степени определяются структурой и составом растворяемых в кислоте минералов, входящих в состав боросиликатных руд, а также характером химических связей их в породе и свойствами растворителя. В этой связи большое значение приобретает изучение химической устойчивости данбурита и других минералов, входящих в состав боросиликатных руд, которое позволяет определять рациональные параметры химической переработки и разрабатывать эффективные технологические схемы для ее осуществления.

ЛИТЕРАТУРА:

1. Kurbonov, A.S. Study of kinetics of the process of hydrochloric acid decomposition of the sinter of borosilicate ora concentrate with calcium chloride / A.S. Kurbonov, A.M. Barotov, J.D. Juraev, U.M. Mirsaidov // Applied Solid State chemistry. – 2018. – №3(4). – PP. 9-11.
2. Mirsaidov, U.M. Kinetics of acid decomposition of borosilicate ores of Tajikistan / U.M Mirsaidov, A.S. Kurbonov, A.M. Barotov // Applied Solid State chemistry. – 2018. – №3(4). – PP. 17-18.
3. Курбонов, А.С. Изучение кинетики процесса солянокислотного разложения спёка исходной боросиликатной руды с хлоридом кальция / А.С. Курбонов, А.М. Баротов, Дж.Д. Джураев, Ш.Б. Назаров, У.М. Мирсаидов // Доклады АН Республики Таджикистан. – 2018. – Т. 61. – №7-8. – С. 665-668.
4. Изучение кинетики процесса разложения обожжённого концентрата боросиликатной руды со смесью азотной и ортофосфорной кислот / Джураев Дж.Д., Курбонов А.С., Неъматов А.М., Тагоев М.М., Мирсаидов У.М. // Доклады АН Республики Таджикистан. – 2020. – Т. 63. – №7-8. – С. 500-504
5. Курбонов, А.С. Кинетика процесса спекания обожжённого боросиликатного концентрата с NaOH / А.С. Курбонов, Ф.А. Назаров, З.Т. Якубов, Ш.Б. Назаров, У.М. Мирсаидов // Доклады АН Республики Таджикистан. – 2017. – Т. 60. – №9. – С. 443-446.
6. Маматов, Э.Д. Кинетика щелочной обработки обожжённого данбуритового концентрата / Э.Д. Маматов, Д.Н. Худоёров, А.С. Курбонов, М.С. Пулатов, У.М. Мирсаидов // Доклады АН Республики Таджикистан. – 2013. – Т.56. – №11. – С. 889 - 893.

7. Курбонов, А.С. Кинетика уксуснокислотного разложения обожжённого данбуритового концентрата / А.С. Курбонов, А.М. Баротов, З.Т. Якубов, Ф.А. Назаров, У.М. Мирсаидов / Известия АН Республики Таджикистан. – 2014. – №4(157). – С. 73-75.
8. Павленко, Ю.В. Прогнозные ресурсы и состояние работ на цеолитсодержащие породы в Читинской области / Ю.В. Павленко // Теоретические и прикладные проблемы внедрения природных цеолитов в народном хозяйстве РСФСР: Тез. респуб. конф. КемНИИСХ. – Кемерово: Изд-во КемНИИСХ, 1988. – С. 24–26.
9. Павленко, Ю.В. Промышленная цеолитоносность Забайкалья / Ю. В. Павленко // Месторождения Забайкалья. Т. 1. Кн. 2. РАН. – Чита-Москва: Изд-во ЧитГУ, 1995. – С. 211 – 213.

ОМӮЗИШИ КИНЕТИКАИ РАВАНДИ ТАҶЗИЯИ МАЪДАНИ БОРОСИЛИКАТИИ ИБТИДОӢ БО ШАРОБИ ШОҲ

Дар мақола натиҷаи омӯзиши кинетикаи раванди таҷзияи маъдани боросиликатии ибтидоии кони Ак-Архари Тоҷикистон бо шароби шоҳ оварда шудааст. Механизми реаксияҳои баамалоянда ва омилҳои кинетикие, ки ба раванди таҷзия таъсир мерасонанд, муайян карда шудаанд.

КАЛИДВОЖАҲО: маъдани боросиликатӣ, коркард, шароби шоҳ, таҷзия, ҷудошавӣ, кинетика, энергияи фаъолшавӣ.

МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН: Қурбонов Амиршо Соҳибназарович, доктори илмҳои химия, дотсенти кафедраи химияи органикӣ ва биологии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. E-mail: amirsho_77@mail.ru

Тағоев Муродбек Маҳмадалиевич, номзади илмҳои химия, мудири лабораторияи коркарди комплексии ашёи хоми маъданӣ ва партовҳои саноатии Институти химияи ба номи В.И. Никитини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Тағоев Алиакбар Пулатович, ходими калони илмии лабораторияи коркарди комплексии ашёи хоми маъданӣ ва партовҳои саноатии Институти химияи ба номи В.И. Никитини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Давлатов Абдураҳмон Саймуминович, омӯзгори кафедраи химияи органикӣ ва биологии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

Пулатов Ҳасан Элмуродович, ходими хурди илмии лабораторияи коркарди комплексии ашёи хоми маъданӣ ва партовҳои саноатии Институти химияи ба номи В.И. Никитини Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

ИЗУЧЕНИЕ КИНЕТИКИ ПРОЦЕССА РАЗЛОЖЕНИЯ ИСХОДНОЙ БОРОСИЛИКАТНОЙ РУДЫ ЦАРСКОЙ ВОДКОЙ

В работе приведены результаты исследований кинетики процесса разложения исходного боросиликатного сырья месторождения Ак-Архар Таджикистана царской водкой. Определены механизмы протекающих реакций и кинетические факторы, влияющие на процесс разложения.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: боросиликатная руда, переработка, царская водка, разложение, извлечение, кинетика, энергия активации.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРОВ: Курбанов Амиршо Сохибназарович, доктор химических наук, доцент кафедры органической и биологической химии Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. E-mail: amirsho_77@mail.ru

Тагоев Муродбек Махмадалиевич, кандидат химических наук, заведующий лаборатории комплексной переработки минерального сырья и промышленных отходов Института химии имени В.И. Никитина Национальной академии наук Таджикистана.

Тагаев Алиакбар Пулатович, старший научный сотрудник лаборатории комплексная переработка минерального сырья и промышленных отходов Института химии имени В.И. Никитина Национальной академии наук Таджикистана.

Давлатов Абдурахмон Саймуминович, преподаватель кафедры общей и неорганической химии Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава.

Пулатов Хасан Элмуродович, младший научный сотрудник лаборатории комплексная переработка минерального сырья и промышленных отходов Института химии имени В.И. Никитина Национальной академии наук Таджикистана.

STUDY OF THE KINETICS OF THE DECOMPOSITION PROCESS OF THE INITIAL BOROSILICATE ORE WITH ARGIA VODKA

The paper presents the results of studies of the kinetics of the decomposition of the initial borosilicate raw materials from the Ak-Arkhar deposit in Tajikistan with aqua regia. The mechanisms of the occurring reactions and the kinetic factors influencing the decomposition process were determined.

KEY WORDS: borosilicate ore, processing, aqua regia, decomposition, extraction, kinetics, activation energy.

INFORMATION ABOUT AUTHORS: Qurbanov Amirsho Sohibnazarovich, Doctor of Chemical Sciences, Associate Professor of the Department of Organic and Biological Chemistry of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav. E-mail: amirsho_77@mail.ru

Tagoev Murodbek Mahmadalievich, Candidate of Chemical Sciences, Head of the Laboratory for the Complex Processing of Mineral Raw Materials and Industrial Waste of Institute of Chemistry named after V.I. Nikitin of the National Academy of Sciences of Tajikistan.

Tagaev Aliakbar Pulatovich, Senior Researcher, Laboratory for Complex Processing of Mineral Raw Materials and Industrial Wastes of Institute of Chemistry named after V.I. Nikitin of the National Academy of Sciences of Tajikistan.

Davlatov Abdurahmon Saymuminovich, lecturer at the Department of General and Inorganic Chemistry of Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav.

Pulatov Hasan Elmurodovich, Junior Researcher, Laboratory for Complex Processing of Mineral Raw Materials and Industrial Wastes, Institute of Chemistry named after V.I. Nikitin of the National Academy of Sciences of Tajikistan.

ИЗМЕНЕНИЯ ЭНЕРГИЯ КРИСТАЛИЧЕСКОЙ РЕШЕТКИ КОМПЛЕКСНЫХ СОЕДИНЕНИЙ АЛЮМОГИДРИДОВ ЩЕЛОЧНЫХ И ЩЕЛОЧНОЗЕМЕЛЬНЫХ МЕТАЛЛОВ ОТ РАДИУСА КАТИОНА

Исозода Д.Т.
Институт энергетики Таджикистана

Комплексные алюмогидридные соединения s – элементов по характеру связи относятся к типично ионным соединениям и состоят из катиона металла и гидрид-анионов, AlH_4^- и AlH_6^{3-} типов.

Основную реакцию получения алюмогидридов металлов в среде сольватирующего растворителя, можно выразить по схеме:

$$4M^nH_n + nAlCl_3 \rightarrow Mn(AlH_4) + 3M^nCl_n \qquad (1)$$

Так, в среде тетрагидрофурана получены (ТГФ) $NaAlH_4$ и $Ca(AlH_4)_2$ [13-14].

Термодинамические свойства и U_K - энергия кристаллической решетки алюмогидридов щелочных и щелочноземельных металлов изучены в работах [1-3]. Согласно этим работам, термодинамические значения и U_K - энергия кристаллической решетки алюмогидридов изменяются в зависимости от типа и химических связей, от ковалентного до ионного для алюмогидридов щелочных и щелочноземельных металлов.

Термодинамические значения алюмогидридов щелочных и щелочноземельных металлов, изученные в работах [1-2] сильно отличаются от прежних, поэтому мы поставили задачу определить U_K-энергия кристаллической решетки алюмогидридов щелочных и щелочноземельных металлов по значениям энтальпий образования и термохимическому радиусу этих соединений.



Для расчета определения U_K-энергия кристаллической решетки алюмогидридов щелочных и щелочноземельных металлов по термохимическому циклу мы использовали изученные термодинамические характеристики соединения, которые приведены в (таблице 1-3). Энергия решетки U_K - алюмогидридов щелочных и щелочноземельных металлов (таблицы 2-3), определены из термохимического цикла Борна-Габера с использованием величин $\Delta_f H°_{298}(AlH_4^-)$ = - 165,0±15 кДж/моль$^{-1}$ [7-8].

U_K равна энтальпии образования одного моля твердого алюмогидрида металлов, которая состоит из газообразных ионов металла и алюмогидрида [11-12].

В литературе неизвестно значение термохимического радиуса иона AlH_4^-, данное значение было найдено из проведенных нами исследований по разности энергий сходных кристаллических решеток. r_{AlH4-} =2,9 Å = 0,29 нм, является близким к нужной величине, которая определяется по графическому методу К.Б. Яцимирского [5; 12; 14].

На основании литературных данных и проведенных нами исследований был рассчитан термохимический радиус аниона AlH_6^{3-}, равный 3,09Å. А в дальнейшем на основе полученных новых значений, по уравнению Капустинского нами была рассчитана энергия решетки гексагидроалюминатов щелочноземельных металлов (таблица 3).

Уравнение Капустинского для расчета ЭКР (U_k) (кДж/моль) имеет вид:

$$U_k = 1200.5\ \frac{V * Z_k * Z_A}{r_k * r_A}\left[1 - \frac{0.345}{r_k + r_A} + 0.00435\ (r_k + r_A)\right] \quad , \qquad (2)$$

где: V - число ионов в одной формульной единице; Z - заряд катиона и аниона, а, r - их радиусы.

Энергия решетки гексагидроалюминатов щелочных металлов и щелочноземельных металлов были рассчитаны с помощью значения $\Delta_f H°_{298,\ ионa}$ (AlH_6^{3-}), равное - 808,8±5 кДж/моль$^{-1}$ (таблицы 3) [7-8].

Таблица 1

Термодинамические и энергетические свойства тетрагидроалюминатов IA группы [7-8].

$MAlH_4$	*Радиус ион, [Me^+], Å*	*$\Delta_f H°_{298}$, кДж/моль$^{-1}$*				*Энергия кристаллической решетки, кДж/моль$^{-1}$*			
		[AlH_4^-]	*(Me^+)*	*Литературные*	*Наши Данные*	*По урав. Капустинского*	*По циклу*	*По урав. Капустинского*	*По циклу*
$LiAlH_4$	*0,78*	*164,84*	*-687,3*	*119,2*	*120,3*	*587*	*641,8*	*591,9*	*642,6*
$NaAlH_4$	*0,98*	*180.75*	*-610,5*	*112,9*	*114,4*	*543*	*558,6*	*564,3*	*560*
$KAlH_4$	*1,33*	*159,41*	*-514,5*	*166,5*	*164,4*	*521,7*	*516,3*	*521,9*	*543,5*
$RbAlH_4$	*1,49*	*164,8*	*-491,3*	*178,2*	*170*	*504,6*	*506,3*	*496,4*	*464,9*
$CsAlH_4$	*1,65*	*155,2*	*-460*	*165,1*	*179,2*	*469,8*	*460,2*	*472,5*	*455,2*
Ср=165,0±15									

Таблица 2

Термодинамические и энергетические свойства тетрагидроалюминатов IIA группы [7-9].

$M(AlH_4)_2$	*Радиус ион, [Me^+], Å*	*$\Delta_f H°_{298}$, кДж/моль$^{-1}$*			*Энергия кристаллической решетки, кДж/моль$^{-1}$*			
					По Дымовой [3]		*[5]*	
		(Me^+)	*Литературные*	*Наши данные*	*По урав. Капустинского*	*По циклу*	*По урав. Капустинского*	*По циклу*
$Be(AlH_4)_2$	*0,314*	*-*	*-*	*107,9*	*1995,8*	*-*	*2001,6*	*-*
$Mg(AlH_4)_2$	*0,780*	*2329,29*	*44,4*	*234,3*	*1828,4*	*2050,2*	*1775,3*	*2237,1*
$Ca(AlH_4)_2$	*1,051*	*1912.9*	*184,1*	*303,2*	*1715,4*	*1774 **	*1664,8*	*1990,2*
$Sr(AlH_4)_2$	*1,175*	*1761.9*	*196,6*	*309,8*	*1635,9*	*1648,5*	*1619,5*	*1858*
$Ba(AlH_4)_2$	*1.395*	*1649.3*	*313,8*	*315,0*	*1560,6*	*1631,7*	*1543,6*	*Г 99.7*

Таблица 3

Термодинамические и энергетические свойства гексагидроалюминатов IIA группы [7-9].

Мз(А1Нб)2	*Радиус ион, [Me2+]A*	*Темохимичес. радиус [А1Н3"6] rT= A*	*-А{ff298 кДж'МОЛЬ"*			*Энергия кристаллической решетки, кДж'моль"*	
			Me3(A1 H6)2	*(Me2+) [105]*	*[А1Н6Ч*	*По урав. Капустинского*	*По циклу*
Be3(A1H6)2	*0,314*	*3,09*	*-*	*-*	*808,8*	*1906,4*	*-*
Mg3(AlH6)2	*0,780*		*552,3*	*2329,1*		*1696,9*	*5922,3*
Са3(А1Нб)2	*1,051*		*816*	*1912,9*		*1596,4*	*4937,1*
Sr3(AlH6)2	*1,176*		*843*	*1774,4*		*1553,7*	*4548,6*
Ва3(А1Н6)2	*1,395*		*868*	*1649,3*		*1483,9*	*4198,3*

В ходе исследования выявлено, что энергия кристаллической решетки гидрид-анионов - AlH_4^- и AlH_6^{3-} оказывают решающее влияние на общий энергетический баланс термодинамических свойств исследованных соединений. Период изменения соотношения исследуемых величин и контрполяризационных способностей внешнесферных катионов зависит от термодинамической стабильности исходных гидридных соединений в пределах естественных групп. Это хорошо видно из рисунка 1 и 2. В элементах IA и IIA групп с возрастанием радиуса катионов уменьшается энергия кристаллической решетки алюмогидридных соединений. Разность значений U_k, рассчитанных по формуле Капустинского и по термохимическому циклу, указывает что, при доминирующем характере ионной связи, имеет определённую долю ковалентная природа химической связи в алюмогидридах.



Рисунок 1. Изменение $U_к$ комплексных алюмогидридов щелочных металлов от радиуса катиона.



Рисунок 2. Изменение $U_к$ комплексных алюмогидридов щелочноземелных металлов от радиуса катиона.

ЛИТЕРАТУРА:

1. Мирсаидов, У.М. Термическая устойчивость и термодинамические характеристики борогидридов металлов / У.М. Мирсаидов, Б.А. Гафуров, А. Бадалов. – Душанбе: Дониш, 2014. – 107 с.
2. Бадалов, А. Физико-химические свойства простых и комплексных гидридов элементов IA, IIA групп и редкоземельных металлов / А. Бадалов, М. Икрамов, У. Мирсаидов. – Душанбе: Дониш, 1994. – 195 с.
3. Дымова, Т.Н. Энергия кристаллической решетки алюмо- и борогидридов металлов IA и IIA групп // Известия АН СССР. Серия химия. – 1973. – №12. – С. 2661-2668.
4. Кузнецов, В.А. Оценка стандартных энтальпий и изобарных потенциалов образования некоторых комплексных гидридов / В.А. Кузнецов, Т.Н. Дымова // Известия АН СССР. Серия химия. – 1979. – №2. – С. 260-264.
5. Яцимирский, К.Б. Константы стойкости комплексных соединений / К.Б. Яцимирский, В.П. Васильев. – М.: Известия АН СССР. Серия химия, 1959. – 80 с.
6. Карапетьянц, М.Х. Основы и термодинамические константы неорганических и органических веществ / М.Х. Карапетьянц, М.Л. Карапетьянц. – М.: Химия, 1968. – 470 с.
7. Исоев, Д.Т. Термодинамические и энергетические характеристики комплексных боро- и алюмогидридов элементов IA и IIA групп: автореф. дисс. канд. хим. наук / Д.Т. Исоев. – Душанбе, 2000.
8. Энергия кристаллической решетки и природа химической связи тетрагидроалюминатов щелочных металлов / Д.Т. Исоев, У.М. Мирсаидов, А.Б. Бадалов, З.В. Кобулиев // Международная научная конференция «Химия и проблемы экологии»: Тезисы докладов. – Душанбе, 1998. – С. 74-79.
9. Термодинамические свойства координационных боро- и алюмогидридных соединений элементов IA и IIA групп Периодической системы / М. Икромов, М.С. Исломова, А.Б. Бадалов [и др.] / Межвузовский сборник научных трудов «Координационные соединения и аспекты их применения. – Душанбе, 1999. – Вып. 3. – С. 17-19.
10. Анализ термодинамической устойчивости комплексных алюмогидридов IA и IIA групп / М.С. Исломова, Д.Т. Исоев, А.Б. Бадалов [и др.] / Юбилейная научно-практическая конференция, посвященная 40-летию химического факультета. – Душанбе, 1999. – С. 49-50.
11. Насруллоева, Д.Х. Модельный синтез и термодинамические характеристики боро- и алюмогидридов металлов: автореф. дисс. канд. техн. наук / Д.Х. Насруллоева. – Душанбе, 2015 / http://dlib.rsl.ru/rsl01008000000/rsl01008069000/rsl01008069044/rsl01008069044.pdf.

12. Гафуров, Б.А. Синтез, термическая устойчивость и термодинамические характеристики боро- и алюмогидридов щелочных, щелочноземельных и редкоземельных металлов: дисс. д-ра хим. наук / Б.А. Гафуров. – Душанбе, 2018.
13. Sodium Aluminum Hydride / J. Vit, F. Petru, S. Landa [et al.] // Cs Pat. 89103. -1959; C.A. 54, 16763 (1960).
14. Мирсаидов, У.М. Синтез, свойства и химические превращения боро- и алюмогидридов элементов I-III групп: дис. д-ра хим. наук / У.М. Мирсаидов. – М., 1985.

ҚОНУНИЯТҲОИ ТАҒЙИРЁБИИ ЭНЕРГИЯИ ПАНҶАРАИ КРИСТАЛИИ АЛЮМОҲИДРИДҲОИ МЕТАЛЛҲОИ ИШҚОРӢ ВА ИШҚОРЗАМИНӢ АЗ РАДИУСИ КАТИОНҲО

Дар мақола қонуниятҳои тағйирёбии хосиятҳои термодинамикӣ ва энергетикии алюмоҳидридҳои металлҳои ишқорӣ ва ишқорзаминӣ оварда шудаанд. Қиматҳои маълуми хосиятҳои термодинамикӣ ва энергетикии алюмоҳидридҳои металлҳои ишқорӣ ва ишқорзаминӣ умумӣ карда мешаванд. Муқаррар карда шудааст, ки энергияи панҷараи алюмоҳидридҳои металлҳои ишқорӣ ва ишқорзаминӣ ба радиуси катионҳо вобаста аст. Вобастагии энергияи панҷара энергияи панҷараи кристалии U_K - алюмоҳидридҳои металлҳои ишқорӣ ва ишқорзаминӣ аз радиуси катиони элементҳо оварда шудаанд. Дар асоси натичаҳои бадастомада, ҳисобҳои вобастагии графикии тағйирёбии ва U_K алюмоҳидридҳои металлҳои ишқорӣ ва ишқорзаминӣ аз радиуси катиони элементҳо дар ҷадвалҳо нишон дода шудаанд.

КАЛИДВОЖАҲО: энергияи панҷараи кристаллӣ, алюмоҳидридҳо, металлҳои ишқорӣ ва ишқорзаминӣ, тензиметрия, радиус, катион, қонуният.

МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН: Исозода Диловаршоҳ Тариқ, номзади илмҳои химия, дотсенти кафедраи илмҳои табиӣ-риёзии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон.

ИЗМЕНЕНИЯ ЭНЕРГИИ КРИСТАЛЛИЧЕСКОЙ РЕШЕТКИ КОМПЛЕКСНЫХ СОЕДИНЕНИЙ АЛЮМОГИДОИДОВ ЩЕЛОЧНЫХ И ЩЕЛОЧНОЗЕМЕЛЬНЫХ МЕТАЛЛОВ ОТ РАДИУСА КАТИОНА

В статье приведены закономерности изменения энергии кристаллической решетки комплексных соединений алюмогидридов щелочных и ЩЗМ металлов от радиуса катиона. Обобщены известные или уточнённые величины термодинамических и энергетических свойств алюмогидридов щелочных и ЩЗМ металлов. Установлено, что и энергия кристаллический решетки алюмогидридов щелочных и ЩЗМ металлов зависят от радиуса катиона в комплексных гидридных соединениях. Приведены зависимости UK алюмогидридов щелочных и ЩЗМ металлов от радиуса катионов. На основании полученных результатов, расчеты графической зависимости, изменения U_K алюмогидридов щелочных и ЩЗМ металлов от радиуса катиона показаны в таблицах.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: энергия кристаллической решетки, алюмогидриды, щелочные металлы, ЩЗМ, тензометрия, энтальпия образования, радиус катиона, закономерность.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: Исозода Диловаршох Тарик, кандидат химических наук, дотсент кафедры естественно-математических наук Института энергетики Таджикистана

CHANGES IN THE ENERGY OF THE CRYSTAL LATTICE OF COMPLEX COMPOUNDS OF ALUMOHYDOIDS OF ALKALINE AND ALKALINE EARTH METALS FROM THE CATION RADIUS

The article presents the patterns of change in the energy of the crystal lattice of complex compounds of aluminum hydrides of alkali and SHM metals from the radius of the cation. The known or refined values of the thermodynamic and energy properties of aluminum hydrides of alkali and SHM metals are summarized. It has been established that the energy of the crystal lattice of aluminum hydrides of alkali and SHM metals depends on the radius of the cation in complex hydride compounds. Dependences of UK aluminum hydrides of alkali and SHM metals on the radius of cations are given. Based on the results obtained, the calculations of the graphical dependence of the change in UK aluminum hydrides of alkali and alkaline earth metals on the radius of the cation are shown in the tables.

KEY WORDS: crystal lattice energy, aluminum hydrides, alkali metals, SHM, tensometry, enthalpy of formation, cation radius, regularity.

INFORMATION ABOUT THE AUTHOR: Isozoda Dilovarshoh Tarik, candidate of chemical sciences, associate professor of the department of natural and mathematical sciences of the Institute of Energy of Tajikistan.

ОМИЛҲОИ ТАЪСИРРАСОН БА ИНКИШОФИ ОИЛАИ ЗАНБӮРИ АСАЛ

Саидзода И.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Парвариши занбӯри асал ва роҳҳои рушд додани хоҷагиҳои занбӯриасалпарварӣ яке аз масъалаҳое мебошад, ки имрӯз ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ ва ҳам аз ҷиҳати экологӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим аст.

Занбӯрпарварӣ як соҳаи муҳимми кишоварзӣ буда, он барои истеҳсоли асал, мум, заҳри занбӯр ва гардолудкунии растаниҳои муҳити атроф нақши муҳим мебозад. Аз ин лиҳоз, ба роҳ мондани соҳаи занбӯрпарварӣ яке аз самтҳои афзалиятноки хоҷагии халқ ба ҳисоб меравад. Бояд қайд намуд, ки арзиши он маҳсулоти иловагие, ки истеҳсолашон дар натиҷаи гардолудкунии растаниҳо аз ҷониби занбӯри асал ба даст меоянд, аз даромади фурӯши маҳсулоти худи занбӯри асал 10-12 маротиба бештар мебошанд.

Барои таҳқиқи математикӣ ва компютерии оилаҳои занбӯри асал, дар таҳқиқоти илмии қаблӣ, амсилаҳои консептуалӣ, математикӣ ва компютерӣ таҳия намуда шуд. Дар таҳқиқоти пешин, оилаи занбӯри асал танҳо аз ҷиҳати биологӣ аз марҳалаи тухм то ба занбӯри болиғ табдил ёфтан ва хусусиятҳои ҷинсӣ мавриди амсиласозӣ қарор дода шуд.

Дар раванди таҳқиқоти қаблан гузаронидашуда, манбаи ғизоӣ, зараррасонҳои оила ва беморихо ба эътибор гирифта нашуд. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки манбаи ғизоӣ яке аз омилҳои асоситарин дар рушди оилаи занбӯри асал ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, зарурати омӯзиши манбаи ғизоии оилаи занбӯри асал дар ин таҳқиқот пеш омадааст.

Занбӯри асал ҳашароти пардаболе мебошад, ки омӯзиши хусусиятҳои физиологӣ, биологӣ, таъсири он ба муҳити экологии атроф, фоиданокии он аз ҷиҳати иқтисодӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Гуфтаҳои болоӣ баёнгари онанд, ки мақсади парвариши занбӯри асал на танҳо гирифтани фоида аз ҳисоби фурӯши асал аст, балки аз ҷиҳати экологӣ ҳам фоидаи зиёде барои табиат мерасонад.

Нақши занбӯри асал дар гардолудкунии растаниҳои хоҷагии халқ хеле назаррас аст. Занбӯр имконияти тақрибан гардолудсозии то 200 растаниҳои гуногунро дорад. Масалан, ба гулҳои як намуди растанӣ ташриф оварда, гардолудкуниро аз як гул ба гули дигари растанӣ интиқол медиҳад, ки дар натиҷа маҳсулнокии растаниҳо зиёд мешавад [14].

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки дар байни тамоми маҳсулоти истеҳсолшаванда, асал яке аз маводи ғизоии фоиданок муаррифӣ шудааст. Аз сабаби он, ки асал дар натиҷаи коркарди шаҳд ва гарди гул аз ҷониби занбӯр истеҳсол мешавад ва он аз моддаҳои фоиданок хеле бой аст. Хусусиятҳои асали истеҳсолшуда, вобаста ба намуди занбӯр ва навъҳои растаниҳои шаҳддиҳанда фарққунанда аст. Аммо қайд намудан лозим аст, ки асали табиӣ, ҳамеша фоиданок буда, яке аз маҳсулоти пурарзиши ғизоӣ, барои давои бисёр беморихо ба ҳисоб меравад. Хусусиятҳои шифобахшии асали табииро бевосита мушоҳида намудан мумкин аст. Ҳанӯз тақрибан 1000 сол муқаддам олим, табиби машҳури олам Абуалӣ ибни Сино дар асари худ «Қонуни тиб» дар бораи манфиатҳои асал ва заҳри занбӯри асал ба саломатии инсон қайдҳои зиёд кардааст [3].

Хусусиятҳои фоиданоки асал инҳоянд:

- таъмини организм бо витамин ва минералҳо;
- бар зидди беморихои сироятии бактериологӣ;
- ба эътидол овардани системаи ҳозима ва фаъолияти узвҳои дарунӣ;
- шифобахшии захмҳо ва барқарорсозии онҳо;
- беҳтар намудани фаъолияти майнаи сар (рафъи асабоният);
- баланд бардоштани иммунитет ва ғайра [14].

Масъалаи гардолудкунии растаниҳо дар табиат, яке аз мухимтарин масъалаҳое мебошад, ки аз ҷониби занбӯри асал амалӣ карда мешавад. Занбӯрҳои асал ҳангоми ғизогирӣ аз як гул ба гули дигар парвоз намуда, дар пайи ҷустуҷӯи шаҳд ва гарди гул ҳастанд. Аз ин ҳисоб, занбӯри асал яке аз гардолудкунандагони асосии растаниҳо ба ҳисоб мераванд. Занбӯри асал муҳимтарин ҳашароти гардолудкунандаи сайёра ба ҳисоб меравад.

Мувофиқи таҳқиқоти илмӣ занбӯри асал то 80-90 фоизи растаниҳоро гардолуд намуда, 10-20 фоизи боқимонда, аз ҷониби шабпаракҳо, гамбӯсакҳо ва дигар ҳашарот гардолуд карда

мешавад. Як занбӯри асал, дар як шабонарӯз, қобилияти аз 2000 то 3000 гул шаҳд гирифтанро дошта, оилаи занбӯри асал бошад, дар як рӯз аз 40 то 50 миллион гул шаҳд ва ғизо мегирад, ки ин гуфтаҳо далели аз моддаҳои фаъол бой будани асалро тасдиқ мекунад [12].

Дар раванди таҳқиқоти илмӣ исбот шудааст, ки гардолудкунии растаниҳо аз тарафи занбӯрҳои асал ҳосили зироатҳоро зиёд намуда, аз ҷиҳати экологӣ муҳити атрофро тоза месозанд. Аз ҳамин ҷиҳат, дар тамоми давлатҳои тараққикардаи олам хоҷагиҳои занбӯрпаварӣ аз андоз озод буда, ба онҳо имтиёзҳои гуногуни зиёде барои рушди соҳа дода мешаванд.

Аз мушоҳидаҳо бармеояд, ки маҳсулнокии оилаи занбӯр аз масофаи ҷойгиршавии қуттӣ то растаниҳои шаҳддиҳанда вобастагӣ дорад. Бинобар ин, қуттиҳои оилаи занбӯри асалро ба мавқеи ҷойгиршавии растаниҳои шаҳддиҳанда наздик ҷойгир намудан лозим аст. Чунки ҳангоми дур будани растаниҳои шаҳддиҳанда аз қуттӣ, бо парвозҳои дуру дароз занбӯр қувва ва вақти иловагӣ сарф мекунад. Инчунин, агар майдони растаниҳои шаҳддор калон бошад, тавсия дода мешавад, ки масофаи байни қуттиҳо аз ҳамдигар дар масофаи дур ҷойгир карда шаванд, то онҳо аз тамоми растаниҳои муҳити атроф якхела истифода намуда, маҳсулнокиашонро зиёд намоянд.

Барои аз гули растаниҳои шаҳддиҳанда баҳравар гардидан, тавсия дода мешавад, ки қуттиҳои оилаи занбӯри асалро 2-3 рӯз пеш аз мавсими гулкунии растанӣ дар мавзеъҳои муайяншуда ҷойгир намоем. Оилаи занбӯри асал чи қадар қавитар бошад (пурқувват аз ҳисоби миқдори занбӯри дохили оила), гардолудкунии босифати растаниҳо ҳамон қадар хуб мешавад.

Аз таҳқиқоти илмӣ бармеояд, ки дар давоми миллионҳо сол, раванди эволютсияи табиат тағйирёбанда боқӣ мемонад. Аз ин лиҳоз, ба раванди инкишофёбии растаниҳо таъсири ҳашарот хеле назаррас аст. Махсусан таъсири занбӯри асал. Яке аз чунин омилҳо таъсири мутақобилаи гардолудкунии байни растаниҳо ва ҳашарот мебошад [8].

Масъалаи истеҳсоли асали хушсифат ва рушди соҳаи занбӯрпарварӣ аз растаниҳои шаҳддиҳанда вобастагии зиёд дорад. Чунки, растаниҳои шаҳддиҳанда яке аз пойгоҳҳои ғизоӣ барои занбӯри асал ба ҳисоб меравад.

Ба ақидаи муҳаққиқон Копелкиевский Г.В. ва Бурмистров А.Н. [5], ихрочи шаҳд аз растаниҳо як раванди мураккаби биологӣ буда, аз иқлим ва корҳои агротехникӣ вобастагии зич дорад [8].

Аз сабаби он ки Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯҳсор аст ва растаниҳои шаҳддиҳандаи зиёде дар кӯҳу теппаҳо меруянд, имконияти то 75% таъмин намудани манбаи ғизоии оилаҳои занбӯри асал дар ин шароит ҷой дорад. Бояд қайд намуд, ки раванди шаҳдҷудокунии растаниҳо аз ҳарорат ва минтақаҳои кӯҳӣ вобастагии калон дорад. Масалан, агар дар водиҳо шаҳдҷудокунии баъзе аз растаниҳо (бойчечак, қоқу, зардгулак) моҳҳои феврал-мартро дар бар гирад, дар баъзе минтақаҳои кӯҳӣ, шаҳдҷудокунии ҳамин растаниҳо ба моҳҳои апрел-май рост меояд. Ин гуфтаҳо далелгари онанд, ки раванди шаҳдҷудокунии растаниҳо аз ҳарорат ва иқлим вобастагии калон дорад.

Дар раванди таҳқиқоти илмии худ Шарипов А.Р қайд менамояд, ки дар шароити иқлимии Тоҷикистион барои шаҳдҷудокунии растаниҳои барвақт гулкунанда, ҳарорати мувофиқ, яъне оптималӣ 16-25°С буда, ҳангоми ҳарорат аз 25°С зиёд шудан сатҳи шаҳдҷудокунии растаниҳо паст ва дар ҳолати ҳарорат аз 35°С боло рафтан шаҳдҷудокунии растаниҳо пурра қатъ мегардад [22].

Масъалаи растаниҳои шаҳддиҳанда ва фосилаи ҷойгиршавии онҳо аз назди оилаи занбӯри асал яке аз муҳимтарин масъалаҳо дар раванди истеҳсоли асал ба ҳисоб меравад. Зеро, дар давоми рӯз, як занбӯр то 10-12 маротиба парвоз анҷом медиҳад, ки он ба ҳисоби миёна 400-500 мг шаҳд меорад. Дар давоми фаъолияти худ бошад, ба ҳисоби миёна 6-8 грамм шаҳд меорад, ки баъди коркарди он 3-4 грамм асал ҳосил мешавад [8].

Муҳаққиқ Мегес Р.К. [8], дар рисолаи илмии худ «Захираҳои асал ва инкишофи оилаи занбӯрҳо дар минтақаҳои гуногуни манзараҳои вилояти Краснодар» ва Нестеров П.И. [11] таркиби шаҳдро дар гарди растаниҳои гуногуни минтақаҳои кӯҳӣ, теппа ва ҳамвориҳо мавриди омӯзиш қарор додаанд. Ҳангоми таҳқиқоти илмӣ ва мушоҳидаҳо муайян намудаанд, ки пайдоиши гулҳои аввал, яъне оғози гулкунӣ 25%, гулкунии оммавӣ 50% ва охири гулкунӣ 25% барои гирифтани шаҳд аз гули растаниҳо мувофиқ аст [8; 11].

Барои муайян намудани динамикаи таркиби шаҳд дар растаниҳо бошад, якчанд давараҳои гуногуни гулкунии растаниҳоро ба эътибор гирифтан мумкин аст. Масалан, Мегес Р.К. [8], даврaҳои гуногуни гулкунии растаниҳоро ба таври шабонарӯзӣ вобаста аз шаҳдҷудокунӣ ва гарди гул дар мудати аз 8 то 20 соат мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Барои муайян намудани шаҳд ва ҳосилнокии асал дар дар расатаниҳои шаҳддиҳанда қитъаҳои гуногуни озмойиширо ҷудо намуда, маврди таҳлил қарор додаанд. Масалан, қитъаҳо бо андозаи 5×5 м, дар ҳар 40 м, ки дар он ҷо растаниҳои шаҳддиҳанда мавҷуданд мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Бо ҳамин роҳ, дар соли 1986 аз ҷониби Пономарева Е.Г. [13], муайян карда шуд, ки чанд фоизи растанаҳо шаҳд дода метавонанд [8].

Ҳамин тавр, дар раванди таҳқиқоти илмӣ вобаста ба майдонҳои таҷрибагузаронидашуда аз таркиби растаниҳои шаҳддиҳанда, ҳосилнокии асал муайян карда шудааст. Барои осон намудани ҳисобкуниҳо, дар вобастагӣ аз андозаи қитъаҳо, маҳсулнокии асалро дар вобастагӣ аз растаниҳои шаҳддиҳанда бо ёрии формулаи зерин ҳисоб намудан мумкин аст [8; 19]:

$$M = m\frac{L}{10},$$

ки дар ин ҷо: m – маҳсулнокии асал дар 1га, L - таносуби растаниҳои шаҳддиҳанда [13].

Муҳаққиқон Саидмуродов Х.И. ва Станюкович К.В. [19] дар раванди гузаронидани таҳқиқоти илмӣ муайян намудаанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 173 навъи растаниҳои шаҳддиҳанда мерӯяд [22].

Барои самаранок ба роҳ мондани парвариши занбӯри асал, иқлими мувофиқ ва растаниҳои шаҳддиҳанда нақши муҳим мебозанд. Бинобар ин, ба хоҷагиҳои занбӯрпарвар тавсия дода мешавад, ки дар қитъаҳои наздик ба қуттиҳои занбӯри асал гиёҳҳои шаҳддиҳандаро парвариш намоянд. Ба шаҳддиҳандаҳои занбӯр: дарахтон, буттаҳо, гиёҳҳо ва гулҳо дохил мешаванд.

Дар табиат растаниҳои шаҳддиҳанда хеле зиёданд ва онҳоро ба якчанд гурӯҳ тасниф намудан мумкин аст. Растаниҳои шаҳддиҳанда ҳам, вобаста аз иқлим, ба таври гуногун рушд менамоянд. Барои рушду нумуи растаниҳо, пеш аз ҳама, боду ҳаво, сохтори хок, хокбориш ва намнокӣ нақши муҳим мебозад. Омилҳои қайдшудаҳам ба оилаи занбӯри асал таъсиррасонанд.

Якчанд гурӯҳи дарахтони шаҳддиҳанда мавҷуданд, ки аз ҳамдигар вобаста аз мавқеи ҷойгиршавиашон фарқкунандаанд, масалан:

– *дар шароити ҷангал*: бодом, арғувон, бед, олуча, себ, арча, мурут, дулона ва ғайра;
– *дар шароити боғ*: себ, гелос, нок, шафтолу ва дигар дарахтони мевадиҳанда;
– *боғҳои ботаникӣ*: шоҳбулут, сафедор, саван, санавбар ва ғайра.

Ҳар як намуди дарахт вобаста аз мавсими сол ва иқлим раванди шаҳдҷудокунии гуногун дорад. Инчунин, як гурӯҳи дарахтоне мавҷуданд, ки онҳо вобаста аз шаҳдҷудукуниашон ба истеҳсоли асал таъсири мусбат мерасонанд. Дар поён оид ба баъзе аз онҳо маълумот медиҳем.

Шоҳбулут (Каштан, Castánea). Яке аз дарахтони ороишие мебошад, ки дар фасли тобистон гул мекунад (расми 1). Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки таркиби асали аз шаҳди шоҳбулут омодашуда дорои миқдори зиёди фруктоза мебошад.

Маҳсулнокии дарахти шоҳбулут хеле зиёд буда, аз масоҳати 1 гектари он тақрибан то 25 кг асал истеҳсол намудан мумкин аст. Як гули шоҳбулут тақрибан 1,7 мг шаҳд ва фоизи хеле зиёди сахароза, яъне қанд дорад. Асали аз гули шоҳбулут омодашуда беранги шаффоф ва моеъ буда, дорои таъми каме талх мебошад ва барои бартараф намудани талхӣ, онро дар дохили оби гарм гузоштан лозим аст [6].

Расми 1. Шоҳбулут.

Нок (Груша, Pýrus). Ба гурӯҳи дарахтони мевадиҳанда дохил шуда, онро ҳамчун дарахти ороишӣ ҳам истифода мебаранд. Нок яке аз дарахтони сершаҳд ҳисобида шуда, дар истеҳсоли асал нақши муҳим мебозад. Аз ин дарахт ба ҳисоби миёна аз 8 то 12 килограмм асал аз 1 гектар гирифтан мумкин аст. Дарахти нок дар вақти нашъунамои гул занбӯри асалро бо гарди гул ва шаҳд таъмин менамояд. Бояд қайд намуд, ки маҳсулнокии нок нисбат ба дарахти себ камтар мебошад.

Себ (яблоко, apple). Себ дарахти мевадиҳанда буда, дар шароити кӯҳистон хуб парвариш меёбад. Шароити иқлимии Тоҷикистон барои парвариши себ хеле мувофиқ аст. Маҳсулнокии асал аз дарахти себ ба ҳисоби миёна аз 1 гектар ба 20 кг рост меояд. Асале, ки аз себ омода мешавад, ба охирҳои моҳи май рост омада, яке аз пурарзиштарин асл дар тибби халқӣ, вобаста ба хусусиятҳои табобатӣ, ҳисобида мешавад.

Гелос (Вишня, Cérasus). Гелос яке аз муҳимтарин дарахти мевадиҳандаи хоҷагии халқ ба ҳисоб меравад. Яке аз хусусиятҳои асосии гелос дар он аст, ки он барвақт ба гулкунӣ оғоз мекунад. Инчунин, ин дарахт нигоҳубини зиёдро талаб намекунад. Дарахти гелос тақрибан дар 1 гектар киштзори сахт 30-40 кг шаҳд медиҳад ва ҳосилнокии асал аз 1 гектар тақрибан ба 35 кг асал рост меояд [1].

Расми 2. Гелос.

Олӯ (Слива, Prunus). Дарахти олӯ ҳам ба оилаи дарахтон (бутта) дохил шуда, дар шароити гуногун парвариш карда мешавад. Зиёда аз 250 намуди олӯ дар табиат мавҷуд аст. Дарахти олуи оддӣ то 2-7 м баланд мешавад. Маҳсулнокии олӯ аз 1 гектар аз 20 кг то 40 кг асал рост меояд [9].

Тамашк (малина, aspberry). Тамашк яке аз буттамеваҳои шаҳддиҳандаи занбӯри асал ба ҳисоб меравад. Ин буттамева асосан дар атрофи кӯлҳо, бешазорҳо ва соҳилҳои дарёҳо меруяд (расми 3). Тамашк ба якчанд намудҳо ҷудо шуда, аксар вақт дар боғҳо ҳам парвариши онро ба роҳ мемонанд.

Расми 3. Тамашк.

Тамашк нисбат ба дигар растаниҳо барои занбӯри асал яке аз шаҳддиҳандаҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Зеро ин растанӣ мавсими гулкунии давомнок дорад.

Растании тамашк хусусияти хоси худро дошта, дар иқлими мувофиқ имконияти якчанд маротиба гул карданро дорад. Ин растанӣ дар тамоми қитъаи Авруосиё ба истиснои минтақаи сард меруяд. Яке аз афзалиятҳои хуби ин растанӣ аз дигар растаниҳо дар он аст, ки ҳангоми боридани борон ҳам, имкони паноҳбарии занбӯрҳо ва шаҳдҷаъмкунии онҳо ҷой дорад.

Гулҳои шукуфтаи тамашк шаҳд ва гарди фаровон ҷудо мекунанд, ки ба занбӯри асал имкон медиҳад, то дар як парвоз тақрибан аз 5 гул ба қадри кофӣ шаҳд гирад. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки занбӯрҳо аз тамашки ҷангалӣ нисбат ба тамашки боғӣ барои истеҳсоли асал бештар

шаҳд мегиранд, ки ҳосилнокии он тақрибан аз як гектар ба 100 кг рост меояд. Ин нишондод нисбат ба тамашки боғӣ ба ҳисоби миёна 2 маротиба кам аст [7].

Беда (Донник, Melilótus). Беда ҳам яке аз шаҳддиҳандаҳои муҳим барои занбӯри асал ба ҳисоб рафта, ба якчанд намудҳо чудо мешавад, ки аз ҳама маъмултарин ин бедаи сафед ва зард аст (расми 4). Беда асосан дар канори роҳ, соҳили дарёчаҳо ва мавзеъҳои намнок мерӯяд. Дар сарчашмаҳои илмӣ маҳсулнокии асали аз бедаҳои сафед ва зард истеҳсолшударо гуногунранг арзёбӣ мекунанд. Яъне, нуқтаи назари ягона ҷиҳати ҳосилнокии беда вуҷуд надорад. Масалан, бедаи худрӯй имконияти аз 1 гектар то 150-200 кг истеҳсоли асалро дошта, аз бедаи парваришӣ бошад, то 600 кг асал ҷамъоварӣ намудан имконпазир аст [2].

Расми 4. Беда.

Спарсет (эспарцет, sainfoin). Спарсет яке аз оилаи растаниҳои лубиёгӣ буда, то имрӯз тақрибан 150 намуди онро маълум намудаанд (расми 5). Ин растанӣ ҳам бо таври худрӯи ва ҳам парваришӣ месабзад. Спарсет яке аз растаниҳои шаҳддиҳандаи занбӯри асл ба ҳисоб меравад, чунки ба ҳисоби миёна аз 1 гектари он тақрибан то 400 килограмм асалро ҷамъоварӣ намудан имконпазир аст [9].

Расми 5. Спарсет.

Зирк (барбарис, berberis). Зирк буттаи сершохи хордор буда, дар моҳҳои май - апрел мавсими гулкунии он оғоз мешавад (расми 6). Зирк ҳам монанди дигар буттаҳо ба якчанд намуд ҷудо мешавад ва занбӯри асал аз ҳамаи навъҳои он шаҳд мегирад. Маҳсулнокии зирки оддӣ дар 1 гектар ба 60-80 килограмм асал рост меояд. Аз зирки намуди тунберг бошад, то 200-230 кг асалро гирифтан мумкин аст. Бояд қайд намоем, ки ин нишондодҳо аз миқдори зичии зирки дар минтақаҳо ҷойгирбуда вобаста аст [21].

Расми 6. Зирк.

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки на ҳамаи он растанӣ ва дарахтони шаҳддиҳандаи табиат ба пуррагӣ аз ҷонибзанбӯр истифода мешавад. Масалан, дар рӯзҳои серборишӣ, вазиши шамол ва дигар омилҳои табиӣ занбӯрҳо аз дохили оила баромада наметавонанд, ки боиси аз ҷониби дигар организмҳои зиндаи табиат, шаҳд ва гарди гулҳо истеъмол мешаванд.

Аз сабаби он, ки миқдори шаҳддиҳандаҳои оилаи занбӯри асал хеле зиёданд, имконияти омӯзиши ҳамаи онҳо ғайриимкон аст. Аз ин лиҳоз, дар маҷмуъ ҳамаи онҳоро дар намуди блок-нақшаи расми 6 гурӯҳбандӣ менамоем.



Расми 7. Манбаи дарахтон ва растаниҳои шаҳддиҳандаи занбӯри асал.

Дар блок-нақшаи расми 7 тамоми манбаи дарахтон, буттаҳо, растаниҳо ва гиёҳҳои шаҳддиҳандаи занбӯри асал дар намуди умумӣ таснифбандӣ шудаанд. Дар адабиёти илмии хориҷӣ, махсусан дар корҳои илмӣ-таҳқиқотии Мегес Р.К. [8], 505 намуди шаҳддиҳандаҳои занбӯри асал муайян карда шудааст. Аммо, мутаассифона, қисми зиёди онҳо барои шароити иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон номувофиқ мебошанд.

Дар таҳқиқоти илмии худ Шарипов А.Р. [22], миқдори дарахтон ва растаниҳои шаҳддиҳандаи Тоҷикистони шимолиро 85 номгӯй пешниҳод намудааст.

Манбаи ғизоӣ ва шаҳдҷудокунии растаниҳо ба маҳсулнокии оилаҳои занбӯри асал замина фароҳам меорад. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки фаъолияти оилаҳои пурқувват вобаста аз масофаи наздик байни растаниҳои шаҳддиҳанда то қуттӣ назар ба оилаҳои заиф 3 маротиба дар истеҳсоли асал фарқ мекунад.

Дар ҷадвали 1 номгӯйи дарахтон ва растаниҳои шаҳддиҳандаи ба шароити иқлимии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ ва маҳсулнокии онҳоро ба ҳисоби миёна дар як гектар пешниҳод намудем.

Ҷадвали 1

Номгӯи шаҳддиҳандаҳои занбӯри асал ва ҳосилнокии онҳо аз 1 гектар

№	Номгӯй	Ҳосилнокӣ аз 1 гектар	№	Номгӯй	Ҳосилнокӣ аз 1 гектар
1.	Зардолу	25	13.	Кунҷит	40
2.	Райҳон	100	14.	Юнучқаи обӣ	270-380
3.	Гулҳои маъмулӣ	6-10	15.	Юнучқаи лалмӣ	25-50
4.	Гелос	30-40	16.	Бодиринг	30
5.	Беда	150-200	17.	Шафтолу	200-250
6.	Бедаи дусола	200-300	18.	Офтобпараст	50
7.	Марминҷон	20	19.	Олуболу	20
8.	Каду	30	20.	Шоҳбулут	20-30
9.	Пахта	100-300	21.	Нок	8-10
10.	Себ	20-30	22.	Тамашк	50-100
11.	Спарсет	300-400	23.	Зирк	60-80
12.	Тарбуз	15-20	24.	Харбуза	18-30

Манбаъ: *таҳқиқоти илмии муаллиф ва сарчашмаи [21].*

Хулоса. Шароити иқлимии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои парвариш ва рушд додани соҳаи занбӯриасалпарварӣ хеле мувофиқ мебошад. Дар раванди таҳқиқоти илмӣ муайян карда шуд, ки барои рушди ин соҳа, манбаи ғизоӣ, аз ҷумла, растаниҳои шаҳддиҳанда яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад. Дар таҳқиқоти илмӣ дарахтон, растаниҳо ва гиёҳҳои шаҳддиҳанда дар намуди умумӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, оид ба растанӣ ва дарахтоне, ки барои шароити иқлимии Тоҷикистон мувофиқан маълумоти бештар дода шуд.

АДАБИЁТ:

1. Виды медоносных растений: классификация с описанием [Захираи электронӣ] https://dzen.ru/media/id/5a48c09f1410c30878537726/vidy-medon osnyh-rastenii-klassifikaciia-s-opisaniem-5c488dcb387c1d00ae4a8d54 (Санаи мурочиат: 13.10.22).
2. Донник (медонос): Виды. Описание. медопродуктивность. Выращивание [Захираи электронӣ] https://vse-promyod.ru/donnik-medonos-vidy-opisanie-medoproduktivnost-vyrashhivanie (Санаи мурочиат: 15.10.22).
3. Комилиён, Ф.С. Амсиласозии математикии марҳилаҳои ҳаёти популятсияи оилаи занбӯри асал [Матн] / Ф.С. Комилиён, И.М. Саидзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2022. – №2-1(96). – С. 17-21.
4. Комилиён, Ф.С. Таҳлили математикии амсилаи марҳилаҳои ҳаёти оилаи занбӯри асал аз рӯи хусусиятҳои ҷинсӣ [Матн] / Ф.С. Комилиён, И.М. Саидзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Бахши илмҳои табиӣ. – 2022. – №3. – С. 99-104.
5. Копелькиевский, Г.В. Улучшение кормовой базы пчеловодства / Г.В. Копелькиевский, А.Н. Бурмистров – М.: Россельхозиздат, 1965. – 166 с.
6. Лучшие деревья-медоносы: особенности и средняя продуктивность [Захираи электронӣ] https://moremeda.com/pchelovodam/luchshie-derevya-medonosy (Санаи мурочиат: 15.10.22).
7. Лучшие медоносные деревья и кустарники в средней полосе Евразийского континента и их основные характеристики [Захираи электронӣ] https://catalog-777.com/stati/2017-08/luchshie-medonosnie-derevya-i-kusta rniki-v-srednei-polose-evraziiskogo-kontinenta-i-ih-osnovnie-harakteristiki. html (Санаи мурочиат: 12.10.22).
8. Мегес Р. К. Медоносные ресурсы и развитие пчелиных семей в различных ландшафтных зонах Краснодарского края/ Мегес Р.К. // Диссертация на соискание ученой степени кандидата биологических наук по специальность 03.02.14. – Москва, 2016. – 159 с.
9. Медоносные травы и цветы с характеристиками, описанием и фото [Захираи электронӣ] https://dobryypasechnik.ru/produkty-pchelovo dstva / medonosnye-travy-i-tsvety-s-harakteristikami-opisaniem-i-foto (Санаи мурочиат: 14.10.22).
10. Медоносы [Захираи электронӣ] https://medonosi.blogspot. com/2012/08 /sliva- medonos.html (Санаи мурочиат: 14.10.22).
11. Нестеров, П.И. Медоносные ресурсы Молдавии / П.И. Нестеров, Л.М. Пинчук, Г.М. // Леонтяк. – Кишинев: Кишин. кн. изд-во, 1988. – 378 с.
12. Перекрестное опыление растений пчелами [Захираи электронӣ] https://www.kupi-uley.ru/articles/perekrestnoe-opylenie-rasteniy-pchelami. html (Санаи мурочиат: 12.10.22).
13. Пономарева, Е.Г. Медоносные ресурсы и опыление сельскохозяйственных растений / Е.Г. Пономарева, Н. Б. Детерлеева. – М.: Агропромиздат, 1986. – 224 с.
14. Пчеловодство и медоносные растения [Захираи электронӣ] https://itexn.com/244_pchelovodstvo-i-medonosnye-rastenija.html (Санаи мурочиат: 12.10.22).
15. Саидзода, И. М. Компьютерное моделирование популяции медоносной пчелиной семьи методом Рунге-Кутта [Текст] / И.М. Саидзода, Ф.С. Комилиён // Вестник Таджикского национального университета. Серия естественных наук. – 2022. – №2. – С. 26-42. EDN: QFYLAI.
16. Саидзода, И.М. Амсиласозии математикии популятсияи оилаи занбӯри асал/ Саидзода И.М.// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. – №2(41). – С. 215-220.
17. Саидов, И. Тадқиқи компютерии динамикаи популятсияи занбӯри асал [Матн] / И. Саидов, А., М. Ёров, А. Қосимӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Бахши илмҳои физика ва метематика. – №1-2(9-10). – Душанбе, 2021. – С. 81-85. ISSN 2707-9996.
18. Саидмурадов, Х.И. Таджикистан (Природа и природные ресурсы) / Х.И.Саидмурадов, К.В. Станюкович. – Душанбе,1982. – 429 с.
19. Смарагдова, Н.П. О нектаро- и сахаропродуктивности медоносных растений / Н.П. Смарагдова // Пчеловодство. – 1954. – №11. – С. 40-43.
20. Таблица мёдопродуктивности медоносных растений [Захираи электронӣ] https://www.grand.expert/ru/handbook/tablica-myodoproduktivnosti-medono snyh-rasteniy (Санаи мурочиат: 15.10.22).
21. Ценость барбариса как медоносного растения [Захираи электронӣ] https://vseopaseke.ru/medonosy/barbaris (Санаи мурочиат: 10.10.22).
22. Шарипов, А.Р. Хусусиятҳои биологию хоҷагидории зотҳои занбӯрони асал дар шароити Тоҷикистони шимолӣ: дисс. номз. илмҳои кишов. / А.Р. Шарипов. – Душанбе, 2019. – 150 с.

ОМИЛҲОИ ТАЪСИРРАСОН БА ИНКИШОФИ ОИЛАИ ЗАНБӮРИ АСАЛ

Дар ин мақола омилҳои таъсиррасони рушди оилаи занбӯри асал мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки омилҳои муҳимтарин дар раванди парвариши оилаҳои занбӯри асал, ин дарахтон, буттаҳо, растаниҳо ва гиёҳҳои шаҳддиҳанда ба ҳисоб мераванд.

Масъалаи истеҳсоли асали хушсифат ва рушди соҳаи занбӯрпарварӣ аз растаниҳои шаҳддиҳанда вобастагии зиёд дорад. Чунки растаниҳои шаҳддиҳанда яке аз пойгоҳҳои ғизоӣ барои занбӯри асал буда, маҳсулнокии оилаи занбӯр аз шаҳддиҳандаҳо вобастааст.

Дар раванди таҳқиқоти гузаронидашуда манбаи ғизоӣ, зараррасонҳои оила ва беморихо ба эътибор гирифта шудаанд.

Шароити иқлимии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои парвариш ва рушд додани соҳаи занбӯриасалпарварӣ хеле мувофиқ мебошад. Дар таҳқиқоти илмӣ дарахтон, растаниҳо ва гиёҳҳои шаҳддиҳанда дар намуди умумӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, оид ба он растанӣ ва дарахтоне, ки барои шароити иқлимии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқанд маълумоти бештар дода шудааст. Инчунин, тамоми шаҳддиҳандаҳои занбӯри асал дар намуди блок-нақша гурӯҳбандӣ шуда, мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

КАЛИДВОЖАҲО: дарахт, растанӣ, гиёҳ, маҳсулнокӣ, манбаи ғизоӣ, занбӯрпарвар, гардолудшавӣ, таҳқиқот, таҷриба.

МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ: Саидзода Исроил Маҳмад, номзади илмҳои техникӣ, мудири кафедраи информатикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тел.: (+992) 904-48-55-55; e-mail: isroil-84@list.ru

ВЛИЯЮЩИЕ ФАКТОРЫ НА РАЗВИТИЕ ПЧЕЛИНОЙ СЕМЬИ

В данной статье были изучены факторы, влияющие на развитие пчелиной семьи. Анализы показывают, что наиболее важными факторами в процессе размножения пчелиных семей являются деревья, кустарники, растения и травы.

Производство высококачественного меда и развитие пчеловодческой отрасли зависит от нектаропродуктивных растений. Потому что растения-опылители являются одной из кормовых баз для пчел и продуктивность пчелиной семьи зависит от них.

В процессе исследования учитывались источники пищи, семейные вредители и болезни.

Климатические условия Республики Таджикистан подходят для выращивания и развития пчеловодческой отрасли. В научных исследованиях были изучены нектарность деревья, растения и травы в целом и дополнительная информация о тех растениях и деревьях, которые подходят для климатических условий Республики Таджикистан. Также все опылители пчелы были изучены и сгруппированы по блочно-плановому типу.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: дерево, растение, трава, урожайность, источник питания, пчеловод, опыление, исследования, опыт.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРА: Саидзода Исроил Махмад, кандидат технических наук, заведующий кафедрой информатики Таджикского национального университета. Тел.: (+992) 904-48-55-55; e-mail: isroil-84@list.ru

INFLUENCING FACTORS ON THE DEVELOPMENT OF A BEE COLONY

In this article, the influencing factors for the development of a bee colony were studied. The analyzes show that the most important factors in the breeding process of bee colonies are trees, shrubs, plants and grasses.

The production of high-quality honey and the development of the beekeeping industry depend on nectar-producing plants. Because pollinating plants are one of the food bases for bees and the productivity of the bee colony depends on them.

The previous research process did not take into account food sources, family pests and diseases. Therefore, in this study, it becomes necessary to study the food source of the bee colony.

The climatic conditions of the Republic of Tajikistan are suitable for the cultivation and development of the beekeeping industry. In scientific studies, the nectar content of trees, plants and herbs in general and additional information about those plants and trees that are suitable for the climatic conditions of the Republic of Tajikistan were studied. Also, all bee pollinators were studied and grouped according to the block-planned type.

KEY WORDS: tree, plant, grass, productivity, food source, beekeeper, pollination, research, experience.

INFORMATION ABOUT THE AUTHORS: Saidzoda Isroil Mahmad, Candidate of Technical Sciences, Head of the Informatics Department of the Tajik National University. Phone: (+992) 904-48-55-55; e-mail: isroil-84@list.ru

УДК: 57.045

КЛИМАТИЧЕСКАЯ СВЯЗЬ ДРЕВЕСНО-КОЛЬЦЕВОЙ ХРОНОЛОГИИ ИЗ РАЙОНА ИСКАНДАРКУЛЬСКОГО ОЗЕРА

Бахтиёров З.Б.
Худжандский научный центр национальной Академии наук Таджикистана, Институт международных рек и экологической безопасности, Юньнаньский университет, Китайская Народная Республика, Центр инновационного развития науки и новых технологий Национальной академии наук Таджикистана

Таджикистан является одним из самых сухих регионов в Азии и переживает быстрый рост населения с 2010 по 2020 год. Однако отсутствие долгосрочных записей о речных стоках по-прежнему ограничивает нашу способность точно оценивать колебания стока и вероятность экстремальных засух [1-3]. Хронология древесных колец обычно используется для обозначения высокочастотных и низкочастотных колебаний климата и гидрологии от сотен до тысяч [4-6], а гидрологические знания в кольцах деревьев могут быть проанализированы сами по себе, чтобы

дать представление о том, каким был поток в прошлом и что, вероятно, ожидается в прогнозе [7-9].

В результате многовековой хозяйственной деятельности человека – порубки лесов, распашки склонов – древесно-кустарниковая растительность в горах бассейна в значительной степени изрежена, а местами сведена к нулю [10-12]. Только вдали от населенных пунктов, на крутых, не пригодных под распашку склонах сохранились участки широколиственных и арчовых лесов. Основными древесными породами, образующими арчовые леса, являются можжевельники.

Область исследования находится в Центральном Таджикистане в горной местности с системой широтно вытянутых хребтов Туркестанского, Зерафшанского, Гиссарского и Каратегинского, на высоте 2500 м над у.м. рядом с Искандаркульским озером. В этой статье исследованы связи древесной хронологии с климатическими параметрами и выявлены какие факторы в какой период влияют наиболее сильнее. На рис. 1 показана область исследования с наиболее важнейшими показателями.

Рисунок 1. Область исследования с местами сбора образцов, метеорологической и гидрологической станциями.

Метеорологические данные представляли собой ежемесячные параметры, такие как температура (°С), количество осадков (мм). Данные речного стока ($м^3/с$), получены из Агентства по гидрометеорологии Комитета охраны окружающей среды при Правительстве Республики Таджикистан. Чтобы измерить силу и направление линейных отношений, мы использовали двумерную корреляцию Пирсона, которая дает выборочный коэффициент корреляции между климатическими данными и кольцевой хронологией. Для этого мы использовали программу IBM SPSS Statistics 21. Чтобы показать в районе исследования основную реку с ее притоками (река Зерафшан), использовали программу ArcSWAT (2012.10.19) последнюю версию полуфизической, полураспределенной модели в масштабе бассейна, а также инструмент оценки почв и вод (SWAT) [13], чтобы представить доступность гидрологического моделирования вдоль пробных участков, которое интегрировано с помощью программного обеспечения ArcGIS 10.4.1.

Территория исследуемой области относится к резко континентальному и засушливому типу, где водный бассейн не может оказать существенного влияния на смягчение засушливости и континентальности климата. Выпадение осадков в этой части, как известно, связано с холодными вторжениями. Усиление циклонической деятельности в зимние и особенно в весенние месяцы вызывает и усиление осадков в эти периоды. Максимум осадков приходится на весну [14].

Основная масса атмосферных осадок приходит сюда из запада. В этой плоходоступной части района сумма годовых осадок незначительна (250-300 мм). Большая часть из них приходится на холодный период (октябрь-май).

Появление снежного покрова на высоте 2500-3000 м наблюдается в последней декаде октября и выше 3000 м – в первой декаде октября [15]. Снежный покров, одним словом, тоже плохо держится в среднем около 50 дней в году. Кратковременные ледяные образования (шуга) на притоках реки Зерафшан происходит, как правило, в декабре-январе, которая длится от 5 до 10 дней на высотах до 1,5 км.

Внутригодовое распределение атмосферных осадков характеризуется максимумом в весенние месяцы (март-май). В это время выпадает около 50% годового количества осадков (145 мм). Минимум осадков наблюдается в июле-сентябре (20 мм) (рис. 2а).



Рисунок 2. Инструментальные данные: А) Метеорологические данные из станции Искандаркуль, Б) Гидрологические данные из гидропоста Такфон с реки Ягноб.

Горные системы создают большое разнообразие в распределении климатических элементов. На формирование климата существенное влияние оказывают атмосферные процессы, проходящие над Средней Азией и также горные хребты. Немалую роль климат образования принадлежит и местной циркуляции [16].

В некоторых частях горных районах наблюдается избыточное атмосферное увлажнение. Это – так называемая область формирования стока, как поверхностного, так и подземного [17].

На крупнейших притоках р. Зерафшан водораздельные хребты представляют собой узкие горные цепи с многочисленными ледниками и фирновыми полями вершинами, достигающими до 5000 м. Левые притоки бассейна реки Зерафшана – Фон, Ягноб, Магиян протекают в узких глубоко врезанных долинах [12].

Ягноб-реке как ледниково-снегового питания свойственно позднее начало половодья и поздняя концентрация стока. В реке Ягноб половодье начинается во второй декаде апреля, интенсивное нарастание расходов продолжается до июня включительно, когда проходит гребень половодья. Спад расходов начинается с июля и продолжается до марта включительно, когда наблюдаются годовые минимумы расходов воды. Сток за июнь-август составляет 65%, а за сентябрь-март 35%, т.е. в течение трех месяцев проходит более половины годового объема воды (рис. 2б).

Мы провели анализ парной корреляции и нашли связи между древесной хронологией [18] и климатическими данными (рис. 3). Обнаружили очень хорошие связи между осадками и речным стоком, так как в данной области исследования влажность играет очень важную роль в росте и развитии растений. Не менее важна также и температура, которая помогает сохранять влагу. И так мы рассмотрели корреляцию в 12 месячный период с прошлого сентября и по настоящий август.



Рисунок 3. Коэффициенты корреляции между древесно-кольцевой хронологией и климатическими данными. Пунктирные линии и одна звездочка указывают на уровень значимости 0,05, а 2 звездочки на p<0,001.

С минимальной температурой мы нашли связи в прошлом октябре (p<0,001, 0,409), ноябре (p<0,05, 0,248) и декабре, (p<0,05, 0,296) когда со средней температурой корреляция показала себя только в октябре (p<0,05, 0,336) и декабре (p<0,05, 0,279), в этом же месяце также сильный коэффициент проявился и у максимальной температуры (p<0,05, 0,268).

С осадками связи были обнаружены в период с прошлого ноября и по настоящий декабрь (p<0,001, 0,401), а также в периоде март-май (p<0,001, 0,37).

Речной сток был самым эффективным и со значительными корреляциями. В феврале текущего года значения показали (p<0,05, 0,231), а в апреле-августе (p<0,001, 0,41). После нескольких манипуляций мы нашли высокую связь в периоде с прошлого сентября и по текущий август (p<0,001, 0,644).

В предыдущей нашей работе была успешно проведена перекрестная датировка и построение дендрохронологической кривой [18], а в этой статье мы провели дендрохронологический анализ и изучали различное проявление роста и развития этих деревьев, в котором учитывались индивидуальные показатели влияния внешних климатических и гидрологических воздействий.

Сильная положительная корреляция была обнаружена в конце позднего вегетационного периода предшествующего года, с ноября по декабрь с осадками, что позволяет сохранить влагу в почве до начала вегетационного периода и обеспечить большое количество влаги в самый ранний период фотосинтеза. Положительная связь с октября по декабрь с температурой, показывает, что с минимальной температурой связь сильнее нежели со средней и максимальной температурой, что говорит о том, что возможно, чем температура выше, тем выше увеличивается испарение и будет дефицит влаги. С января месяца и далее корреляция с температурой не дало показаний, кроме как в марте только с минимальной температурой положительную и наоборот с максимальной температурой отрицательную, что говорит о начале вегетационного периода и необходимости деревьев во влаге. И это подтвердило наличие положительного влияния осадков в марте, т.е. минимальная температура в этот месяц благоприятно воздействует на начало деление камбия. С апреля месяца дерево полностью начала рост и нуждается в большом количестве влаги, которое она набирает из осадков и также из речного стока. В мае-июне выпадают последние осадки и далее идет внимание только на речной сток, который и поддерживает нормальный рост дерева и прирост колец. Аналогичная связь между количеством осадков в межвегетационный год и гидрологическими осадками была отмечена ранее для хронологий можжевельника в местах с повышенной влажностью во многих районах вокруг Тибетского нагорья и его окрестностей [19-22]. Естественно, повышение температуры в весенне-летние периоды положительно сказывается на увеличение уровня воды, но отрицательно в отношении таяния ледников и на испарении влажности почвы, что плохо влияет на рост дерева.

Вывод. Исследование прояснила какие климатические показатели в какой период наиболее важны и как они влияют на рост дерева и прирост годичных колец.

Температура и осадки оказывают положительное влияние на начало невегетационного периода с предшествующего октября и по настоящий май, что может способствовать сохранению и поддержанию на самом раннем этапе формирования и фотосинтетической

продукции ширины колец. Мы полагаем, что коэффициенты корреляции с уменьшением почвенной влаги поверхностных слоев связаны со средней и максимальной температурой, так как она увеличивает испарение почвенной влаги, что подтверждает низкую и даже в некоторых случаях отрицательную корреляцию в весенне-летние периоды. Высокие температуры в этой области приводят к увеличению речного стока, что в последствии может быть опасным для близлежащих деревень и населения, мы обнаружили связь годичного кольца с расходом воды, чем выше расход, тем сильнее корреляция. Обеспечение влагой является ключевым фактором, определяющим рост деревьев, поэтому район исследований получает большую часть влаги за счет осадков в межвегетационный период, чтобы начать фотосинтез и продолжить формирование ширины кольца, получая воду из речного стока.

Хотя это связь не объясняет всей картины происходящего, но уже проливает свет на ход роста и развития и характер поведения дерева и климата в этой области и может служить в дальнейшей работе на реконструкцию изменения движения реки на столетия назад.

ЛИТЕРАТУРА:

1. Tree rings and climate,. Academic, London, New-York, San-Francisco / Fritts H., 1976. Academic, London, New-York, San-Francisco. – 567 с.
2. Petit R.J., Aguinagalde I., de Beaulieu J.-L., Bittkau C., Brewer S., Cheddadi R., Ennos R., Fineschi S., Grivet D., Lascoux M. Glacial refugia: hotspots but not melting pots of genetic diversity // Science. – 2003. Т. 300. – №5625. – С. 1563-1565.
3. Esper J., Krusic P.J., Ljungqvist F.C., Luterbacher J., Carrer M., Cook E., Davi N.K., Hartl-Meier C., Kirdyanov A., Konter O. Ranking of tree-ring based temperature reconstructions of the past millennium // Quaternary Science Reviews. – 2016. – Т. 145. – С. 134-151.
4. Zulfiyor B., Ruide Y., Akylai M., Javhar A., Gulkaiyr O., Merim P.K. Tree-Ring-Based Early-Summer Precipitation Reconstruction For Shahristan, Sogd Province, Tajikistan, Since AD 1760-2015 // East European Scientific Journal. – 2017. Т. 28. – №12. – С. 4-9.
5. Zulfiyor B., Ruide Y., Meilin Y., Akylai M., Javhar A. Reconstructed Precipitation for the Eastern Tian Shan (China), based on Picea Shrenkiana Tree-Ring Width // Journal of Earth Science & Climatic Change. – 2017. Т. 8. – №12. – С. 1-6.
6. Chen F., Yu S., He Q., Zhang R., Kobuliev Z.V., Mamadjonov Y.M. Comparison of drought signals in tree-ring width records of juniper trees from Central and West Asia during the last four centuries // Arabian Journal of Geosciences. – 2016. Т. 9. – №4. – С. 1-10.
7. Chen F., Opała-Owczarek M., Owczarek P., Chen Y. Summer Monsoon Season Streamflow Variations in the Middle Yellow River since 1570 CE Inferred from Tree Rings of Pinus tabulaeformis // Atmosphere. – 2020. Т. 11. – № 7. – С. 717.
8. Akkemik Ü., D'Arrigo R., Cherubini P., Köse N., Jacoby G.C. Tree-ring reconstructions of precipitation and streamflow for north-western Turkey // International Journal of Climatology. – 2008. Т. 28. – №2. – С. 173-183.
9. Gou X., Chen F., Cook E., Jacoby G., Yang M., Li J. Streamflow variations of the Yellow River over the past 593 years in western China reconstructed from tree rings // Water Resources Research. – 2007. Т. 43. – №6. – С. 1-9.
10. Squires V. R., Safarov N. Diversity of Plants and Animals in Mountain Ecosystems in Tajikistan // Journal of Rangeland Science. – 2013. Т. 4. – №1. – С. 43-61.
11. Makhmadaliev B., Kayumov A., Novikov V., Mustaeva N., Rajabov I. The second national communication of the Republic of Tajikistan under the United Nations framework convention on climate change // State Agency for Hydrometeorology, Dushanbe. – 2008. – С. 92.
12. Ресурсы поверхностных вод СССР. Бассейн р. Амударьи. / Иванов Ю.Н. – Ленинград: Гидрометеорологическое Издательство, 1971. – Т. 3: Бассейн р. Амударьи. – 471 с.
13. Arnold J.G., Srinivasan R., Muttiah R.S., Williams J.R. Large area hydrologic modeling and assessment part I: model development // JAWRA Journal of the American Water Resources Association. – 1998. Т. 34. – №1. – С. 73-89.
14. Курс климатологии. / Алисов Б.П., Дроздов, О.А., Рубинштейн, Е.С. – Ленинград: Гидрометеорологическое издательство, 1952. – 487 с.
15. Каталог Ледников СССР. Ресурсы Поверхностных Вод СССР. / Коновалова Г.И., Насыров М.А., Шурупов А.Г., Щетинников А.С. – 3 изд. – Ленинград: Гидрометеорологическое Издательство, 1982. – Т. 14 В. 3: Ресурсы Поверхностных Вод СССР. – 120 с.
16. Климатическое описание республик Средней Азии. / Балашова Е.Н., Житомирская О.М., Семенова О.А. – Ленинград: Гидрометеорологическое издательство, 1960. – 242 с.
17. Реки Средней Азии / Шульц В.Л. – Ленинград: Гидрометеорологическое Издат., 1965. – 689 с.
18. Зулфиёр Б., Юлдош Ю., Анвар К., Фенг Ч. Древесно-кольцевая хронология для местности «Искандаркуль», Согдийская область, Таджикистан // Ученые записки Худжандского государственного университета имени академика Б. Гафурова. Серия: Естественные и экономические науки. – 2021. Т. 2. – №57. – С. 63-69.

19. Opała M., Niedźwiedź T., Rahmonov O., Owczarek P., Małarzewski Ł. Towards improving the Central Asian dendrochronological network – New data from Tajikistan, Pamir-Alay // Dendrochronologia. – 2017. – Т. 41. – С. 10-23.
20. Gou X., Zhou F., Zhang Y., Chen Q., Zhang J. Forward modeling analysis of regional scale tree-ring patterns around the northeastern Tibetan Plateau, Northwest China // Biogeosciences Discussions. – 2013. Т. 10. – №6. – С. 9969-9988.
21. Pederson N., Jacoby G.C., D'Arrigo R.D., Cook E.R., Buckley B.M., Dugarjav C., Mijiddorj R. Hydrometeorological reconstructions for northeastern Mongolia derived from tree rings: 1651-1995 // Journal of Climate. – 2001. Т. 14. – №5. – С. 872-881.
22. Qin C., Yang B., Melvin T.M., Fan Z., Zhao Y., Briffa K.R. Radial growth of Qilian juniper on the northeast Tibetan Plateau and potential climate associations // PLoS One. – 2013. Т. 8. – №11. – С. e79362.

МУНОСИБАТИ ИҚЛИМИИ ХРОНОЛОГИЯИ ҲАЛҚАИ ДАРАХТ АЗ РАЙОНИ ИСКАНДАРКУЛ

Таҳлили дендроклиматологӣ ба мо имкон медиҳад, ки кадоме аз параметрҳои иқлимӣ ва гидрологӣ муҳиманд ва дар як давраи муайян ҳам мусбат ва ҳам манфӣ буда метавонанд. Нашъунамои ҳалқаҳои солона бо баландии 2500-2700 м аз сатҳи баҳр аз кӯли Искандаркӯл бо роҳи такмили дендрохронологӣ таҳлил карда шуданд, ки кадом омилҳои беруна ба афзоиши он дар асоси коэффисиентҳои коррелятсияи Пирсон таъсир мерасонанд. Дар рафти тахлил маълумотхо аз наздиктарин стансияи обухавосанчию гидрологӣ, ба монанди ин параметрҳо (ҳарорати миёна/минимум/максимум, боришот ва ҷараёни дарё) истифода шуданд. Намӣ дар ин минтақаи омӯзишӣ як параметри муҳими афзоиши муътадил аст ва аз ин рӯ, дарахт дар давраи наботот намӣ гирифта, онро нигоҳ медорад, то раванди фотосинтезро оғоз кунад ва сипас аз ҷараёни дарё об гирифта, нашъунамои ҳалқаҳои солонаро ба вуҷуд орад.

КАЛИДВОЖАҲО: хронологияи ҳалқаи дарахт, дендроклиматология, омили иқлимӣ, Ягноб, Искандаркул.

МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ: Бахтиёров Зулфиёр Бахтиёрович, магистранти Маркази илмии Хуҷанди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, корманди Институти дарёҳои байналмилалӣ ва ҳифзи экологии Донишгоҳи Юннани Ҷумҳурии Мардумии Чин, ходими калони илмии Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияҳои нави Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Тел.: (+992) 907-76-88-67; e-mail: zulfiyor@mail.ru

КЛИМАТИЧЕСКАЯ СВЯЗЬ ДРЕВЕСНО-КОЛЬЦЕВОЙ ХРОНОЛОГИИ ИЗ РАЙОНА ИСКАНДАРКУЛЬСКОГО ОЗЕРА

Дендроклиматологический анализ дает возможность понять какие климатические и гидрологические параметры имеют связь и могут влиять как положительно, так и отрицательно в тот или иной промежуток времени. Прирост годичных колец с высоты 2500-2700 м над у.м. из Искандаркульского озера были проанализированы по дендрохронологическим стандартам и описаны какие внешние факторы воздействуют на его рост на основе коэффициентов корреляции Пирсона. В анализе были использованы данные из ближайшей метеорологической и гидрологической станции, такие параметры, как температура средняя/минимальная/максимальная, осадки и речной сток. Влажность для этого района исследования является важным параметром для нормального роста и поэтому дерево получает и сохраняет влагу в межвегатационный период, для того чтобы начать процесс фотосинтеза. Далее для формирования прироста годичных колец получает воду из речного стока.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: древесно-кольцевая хронология, дендроклиматология, климатический фактор, Ягноб, Искандаркульское озеро.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: Бахтиёров Зулфиёр Бахтиёрович, магистрант Худжандского научного Центра Национальной академии наук Таджикистана, сотрудник Института международных рек и экологической безопасности, Юньнаньского университета Китайской Народной Республики, старший научный сотрудник Центра инновационного развития науки и новых технологий Национальной академии наук Таджикистана. Тел.: (+992) 907-76-88-67; e-mail: zulfiyor@mail.ru

CLIMATIC RELATIONSHIP OF THE TREE-RING CHRONOLOGY FROM THE ISKANDARKUL LAKE REGION

Dendroclimatological analysis makes possible to understand which climatic and hydrological parameters are important and can be how positive and also negative in a given period of time. Growth of annual rings with a height of 2500-2700 m above sea level from Iskandarkul lake were analyzed by dendrochronological enhancement and what external factors affect its growth based on Pearson's correlation coefficients. The analysis used data from the nearest meteorological and hydrological station, such parameters as (average/minimum/maximum temperature, precipitation and river flow). Humidity for this study area is an important parameter for normal growth, and therefore the tree receives and retains moisture during the non-vegetation period in order to start the process of photosynthesis and then receives water from the river runoff to form growth of annual rings.

KEY WORDS: Tree-ring chronology, dendroclimatology, climatic factor, Yagnob, Iskandarkul lake.

INFORMATION ABOUT THE AUTHOR: Bakhtiyorov Zulfiyor Bakhtiyorovich, master student of the Khujand Scientific Center of the National Academy of Sciences of Tajikistan, employee of the Institute of International Rivers and Ecological Safety, Yunnan University of the People's Republic of China, Senior Researcher of the Center for Innovative Development of Science and New Technologies of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Phone: (+992) 907-76-88-67; e-mail: zulfiyor@mail.ru

АНДАР МАРҲИЛАҲОИ АСОСИИ РУШДИ ФИКРУ АНДЕША ДАР БОРАИ ФАЗО ВА ВАҚТ

Қурбонов Д.М.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ

Яке аз вазифаҳои идроки донишҳои физикӣ ибтидо аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (МТМУ) ва хусусан муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК)-и равияи табиатшиносию риёзӣ ва техникӣ, омӯзиш, дарк ва фаҳмиши таърихӣ-илмии мафҳумҳои фазо, вақт, ҳайуло (материя) ва ҳаракат ба шумор меравад, ки дар ташаккули ҷаҳонбинии хонандагону донишҷӯён нақши муҳим мебозад ва гуфтан мумкин аст, ки бидуни дарки чунин мафҳумҳо бунёди донишҳои ояндаи онҳо ба шумор меравад.

Дар ташаккули ҷаҳонбинии таърихӣ-илмӣ ва махсусан донишҳои физикӣ, омӯзиши хосиятҳои фазо ва вақт мавқеи хосаеро ишғол мекунад.

Чӣ тавре ки аз таърихи физика маълум аст, ғояҳои куҳани физикаи классикӣ оиди фазо ва вақт барои маънидоди масъалаҳои муосири физикӣ кофӣ набуданд. Яке аз масъалаҳои муҳими физикаи муосир дарк ва маънидоди ягонагии фазо, вақт ва ҳайуло (материя) бо ҳаракат ба шумор мерафту ба шумор меравад, ки барои ҳалли он донишҳои физикаи классикӣ ноқис буд.

Консепсияи фазо ва вақт нафақат асоси физикаи муосир, балки мақулаҳои асосии фалсафа ва тасвири илмии ҷаҳонӣ ба шумор мераванд, зеро дарки воқеии ҷаҳони муосир бо рушди мафҳумҳои фазо ва вақт иртиботи ногусастанӣ дорад.

Аз ин рӯ, дар таърихи физика мафҳумҳои “фазоӣ-вақтӣ”-и механикаи классикӣ, ба истилоҳ механикаи Нютонӣ, ба таҷдиди нави шарҳу тафсири он ниёзманд гардид. Рушди электродинамика дар бораи мафҳумҳои фазо ва вақт бо назарияи нисбияти хос (ННХ) ифода ёфт, таҳқиқи ҷозиба (гравитатсия) ба мафҳумҳои фазоӣ-вақтӣ (маконӣ-замонӣ) дар назарияи нисбияти умумӣ (ННУ) оварда расонд, ки барои омӯзишу пажӯҳиш ва тавсифи қонуниятҳои олами сағир (ОС, микромир) ва олами кабир (ОК, макромир) ҷавобгӯ гардид.

Андар дарку фаҳмиши мафҳумҳои фазо ва вақт таърихан ду нуктаи назар вуҷуд дорад: асосӣ ва иртиботӣ. Асосгузори нуктаи назари аввалӣ дар таърихи илм донишманди Юнони Қадим, ба истилоҳ, аввалин донишманди қомусдониш (энсиклопедист)-и Юнон Зимиқротис (Демокрит, 460-370 п.а.м.) эътироф гардидааст. Ва ҳамчунин дар таърихи физика эҳёкунандаи нуктаи назари Зимиқротис, физикдон ва риёзидони овозадори Англия – Исаак Нютон (1642-1727) шинохта шудааст. Дар ин маврид бояд гуфт, ки нуктаи назари донишмандони бузурги форс-тоҷик – Абулаббоси Эроншаҳрӣ (асри IX), Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ (865-925), Абунаср Муҳаммади Форобӣ (872-951), Шайхурраис ва Шарафулмулк Абуалии Сино (980-1037) [6] ва дигарон дар таърихи физикаи ҷаҳонӣ умуман собит нашудааст, ки дар ин бора поёнтар ибрози ақида хоҳем кард.

Ҳоло барои идомаи нуктаи назари донишмандони аврупоигаро чунин бояд гуфт, ки дар таърихи физика нуктаи назари Исаак Нютонро ақидаҳои умумикардаи донишманди лаҳистонӣ Николай Коперник (1473-1543), шоир ва файласуфи-пантеисти итолиёӣ Ҷордано Бруно (1548-600), физикдони итолиёӣ Галилео Галилей (1564-1642) ва ситорашиноси олмонӣ Иоҳанн Кеплер (1571-1630) меҳисобанд. Исаак Нютон фазоро ҳамчун ҷойгоҳи холии ҷисмҳо, сечанака, беҳаракат, мутлақ ва беохир мешуморид. Бинобар ақидаи ӯ фазо дар нисбати ҳайуло (материя) бетафовут аст ва ҳаракати ҷисмҳои моддӣ дар он рух медиҳанд [11, с. 31]. Ба ақидаи ӯ фазо як навъ фони ғайрифаъол «майдони ҳаракати аҷсом» ва «дарозои холис» мебошад [11, с. 31].

Барои Нютон «вақт» низ комилан мутлақ «ҷойгоҳи ҳодисот» аст. Яъне «вақт» бинобар ақидаи ӯ «мутлақ ва комилан риёзӣ ба худии худ ва дар зоти худ, бидуни ҳеҷ иртиботе бо ҳеч чизи хориҷӣ, ба таври якнавохт ҷараён дорад ва дар ғайри ин сурат муддат номида мешавад» [11, с. 31]. Ва ҳарчанд вақти нисбӣ ҳамчун «ченаки давомнокии дар ҳаёти ҳаррӯза истифодашаванда» вуҷуд дорад [11, с. 32].

Дар физикаи Исаак Нютон фазо ва вақт мақула (категория)-ҳои мутлақ буда, новобаста аз якдигар вуҷуд доранд ва бо ҳам алоқамандӣ надоранд. Ин даъвӣ бар он зоҳир мегардад, ки масофаи байни ду нуқта ва ҳодисоди дар он баамалоянда аз якдигар вобаста нестанд. Мутлақияти вақт бо консепсияи дуртаъсркунӣ ифода гардида, тибқи он интиқоли ҳаракат аз ҷисме ба ҷисме бидуни муҳити гирду атроф амалӣ мегардад. Чунин нуктаи назар ҷаҳонро «як низоми моддӣ ва воҳид бо як замони ҷаҳонии воҳид» месозад [17, с. 19].

Ақидаи Исаак Нютон дар бораи мафҳумҳои фазо ва вақт дар давоми ду аср мавриди эътирофи умум гардида буд. Онҳо имконият медоданд, ки масъалаҳои мушаххаси механикӣ ва физикӣ ҳал карда шаванд ва бинобар суханони Алберт Эйнштейн, дар он замон имконияти имконпазирӣ ва муҳимаш пурсамари инкишофи илм буд [4, с. 34].

Асосгузори нуктаи назари «иртиботӣ»-и мақулаҳои фазо ва вақт, донишманди маъруфи Юнони Қадим - Арасту (384-322 п.а.м) шинохта шудааст. Ақидаҳои Арасту дар корҳои риёзидон, физикдон ва файласуфи олмонӣ Готфрид Вилгелм Лейбнитс (1646-1716) ва файласуфи ирландӣ Ҷон Толанд (1670-1722) инишоф ва такмил ёфтаанд. Барои Лейбнитс фазо – ҷавҳар набуда, балки «тартиби ҳамзистӣ» ва вақт – «тартиби пайдарпайӣ» буда, ҳарду мақула нисбианд ва бидуни ҷисмҳо вуҷуд надоранд [12, с. 47]. Онҳо берун аз ҷисмҳои моддӣ ва равандҳо вуҷуд надоранд. Муносибатҳои фазоӣ бо мавҷудияти ҷисмҳои моддӣ асоснок карда шудаанд. Вақт ҳамчун шарти вобастагии сабабӣ баррасӣ карда мешавад. Бо вуҷуди ин, аз мавқеи моддӣ, ин мафҳум бештар ба таври равшан аз ҷониби Ҷ. Толанд пешкаш карда мешавад. Толанд мавҷудияти фазои мутлақ ва вақти мутлакро инкор мекунад. Ба ақидаи ӯ «мафҳуми холигӣ яке аз паёмадҳои нодурусти бешумор барои хатои муайян кардани материя мебошад аз он ҷиҳат, ки материя аз рӯи табиаташ ғайрифаъол аст ва ақидаи ба қисмҳои ҳақиқӣ тақсим шудани он, аз ҳамдигар комилан новобаста аст» [14, с. 100]. Аз ин ҷо хулоса кардан мумкин аст, ки ҳаракат сабаби асосии дарки ҳайуло аст ва фазову вақт мақулаҳои асосии ҳастии ҳайулоанд.

Таҳлили мухтасари ин ду нуктаи назар нишон медиҳад, ки онҳо бо якдигар дар мавриди дарки фазо ва вақт то кадом андоза мухолифат доранд. Алберт Эйнштейн ҳам маҳз муъҳақиди чунин ақида буд, ки ҷаҳони модӣ то кадом андоза бо фазо ва вақт алоқаманданд [18, с. 346]. Яъне фазо ва вақт як шарти зарурии мавҷудияти моддаҳои ҷисмӣ (ва на баръакс) аст. Чунин ақидаро аз ҷиҳати методологӣ низ баъзе файласуфон дар таҳқиқоти худ бахшида ба масъалаҳои фалсафии фазо ва вақт нишон додаанд [5, с. 9]. Бино ба мафҳуми муносибатӣ, фазо ва вақт як таҳкурсии мутлақи мавҷудият нест. Онҳо бо вуҷуд доштани объектҳои моддӣ асоснок карда шудаанд ва бе онҳо ҳеҷ маъние надоранд. Материя як шарти муҳимми мавҷудияти фазо ва вақт мебошад.

Мувофиқи консепсияҳои муосири физикӣ «фазо» ва «вақт» шаклҳои умумии координатаи объектҳои моддӣ ва ҳолати онҳо мебошанд. Фазо – ин маҷмӯуи муносибатҳо, ки координатаи объектҳо ва ҷойгиршавии онҳоро бо якдигар ва инчунин арзиши нисбии онҳоро изҳор мекунад. Вақт – маҷмуи муносибатҳое, ки координатаи ҳолатҳои якдигарро ивазкунандаро, яъне пайдарпайӣ ва давомнокии воқеаҳоро ифода мекунад [16, с. 227].

Фаҳмиши фалсафии фазо ва вақт аз дарки физикии он чунин тафовут дорад, ки файласуфон одатан мавҷудият, ҳастӣ ва хосияти мақулаҳои «фазо» ва «вақт»-ро одатан бо шарҳи материалистию идеалистӣ, яъне новобаста аз шуури инсон будан ё набудани онҳо тавсиф медиҳанд. Физикдонон бошанд, хосияти онҳоро дар якҷоягӣ бо ҳаракт ва ҳайуло (материя) таҳқиқ мекунанд, ки тавсифи ПН, ННХ ва ННУ бидуни дарку фаҳмиши илмии онҳо имконнопазир аст.

Аз назари методологияи муосири донишҳои илмӣ бошад, фазо ва вақт меъёрҳои хоси воқеияти ҷаҳони ҳастӣ мебошанд. Онҳо барои ҳалли масъалаи воқеияти объектҳо, ки дур аз таҷрибаанд, ба монанди объектҳои назариявӣ, зарурӣ ҳастанд. Ин меъёрҳо, одатан ҳолати асосии мушоҳида, санҷиши амалӣ, инвариантӣ ва низомро дар бар мегиранд [10, с. 42]. Вақтҳои охир дар баробари физикдонон, файласуфон низ дар бораи воқеияти объективии объектҳои чорченакагии дар ННХ андешаронӣ доранд, ки ин аз мазмуни фазо ва вақт дар ҷаҳонбинии умумиинсонӣ дарак медиҳад.

Нуктаи назаре низ ҳаст, ки мувофиқи он чорченакаи гуногунранги ННХ як навъи нави воқеияти ҷаҳони модӣ буда фазо ва вақт танҳо паҳлуҳо ва пешбиниҳои ин шакли ҳастии материя мебошанд [9, с. 48]. Ин нуктаи назар дар натиҷаи аз таъбири начандон дурусти Г. Минковский бармеояд: «Аз ин ба баъд фазо худ аз худ ва вақт худ ба худ бояд ба мавҳуме табдил ёбанд ва танҳо як навъ ҳамгироии онҳо бояд мустақилиятро нигоҳ дорад» [8, с. 167]. Ба назари мо ақидаи он муҳаққиқонро дуруст шуморидан ҷоиз аст, ки қайд мекунанд, ки фазо-вақти ННХ мафҳуми назариявӣ буда, инъикоси муносибати фазо ва вақт мебошад, вале воқеияти объективӣ надорад [2, 38; 3, с. 99].

Рушди минбаъдаи физика мавҷудияти муносибатҳои амиқи байни хосиятҳои фазо ва вақт ва материяи ҳаракаткунандаро тавзеҳ дод, ки хилофи консепсияи қаблӣ буд. Соли 1918 Э. Нетер қазияе (теоремае)-ро пешниҳод кард, ки тибқи он робита байни хосиятҳои симметрияи фазо ва вақт ва қонуни бақо вуҷуд дорад. Теоремаи Нетер дар таҳияи соддакардашуда мегӯяд, ки агар хосиятҳои система ягон табдилдиҳиҳои тағйирёбандаҳо дигаргун нашавад, пас ба ин қонуни бақо мувофиқ аст. Ҳамин тавр, якрангии вақт (симметрия нисбат ба ивазшавии вақт) марбут ба

қонуни бақои энергия мебошад. Якрангии фазо (симметрия нисбат ба ивазшавии фазо) – бо қонуни бақои импулс алоқаманд аст. Изотропнокии фазо (симметрия нисбат ба гардиш дар фазо) бо қонуни бақои импулси лаҳзавӣ вобаста аст.

Дар адабиёти муосир оид ба масъалаҳои фазо ва вақт баҳсҳо дар бораи он, ки аз чӣ пайравӣ шудаанд, - қонуни бақо аз хосиятҳои фазо ва вақт (чунин як изҳороти умумӣ дар адабиёти физикӣ аст) ва ё баръакс, хосияти фазо ва вақт аз қонуни бақо вуҷуд доранд [1, с. 78; 13, с. 82]. Ҳамин тавр, иртиботи амиқ байни қонуни бақо ва хосиятҳои фазо ва вақт тавсифи фалсафӣ ва физикии худро пайдо мекунанд ва қадами муҳим дар рушди консепсияи муносибати таъсиси ННХ ва ННУ башумор меравад. Бояд гуфт, ки марҳалаи муҳим дар инкишофи консепсияи иртиботии фазо ва вақт кашфи ННХ ва ННУ ба шумор меравад ва дар адабиёти илмӣ ННХ, ҳамчун амсилаи фазо-вақти ОС фаҳмида мешавад.

Дар консепсияи фазо-вақти ННХ гуногунрангӣ ва ноқисии ҳандасаи уқлидусӣ (евклидӣ) дида мешавад ва метрикаи чорченака (x, y, z, t) амал мекунад. Дар ин ҳолат хосияти асосӣ дар тағйирнопазирӣ (инвариантнокӣ) ҳангоми гузариш аз як системаи сарҳисоб ба системаи дигар мебошад. Ин далел дар натиҷаи гуфтаҳои бевоситаи Эйнштейн пайдо шудаанд [7, с. 22; 15, с. 60]. Ҳамин тариқ, аз тағйирнопазирии фосила ва якҷинсагии фазо ва вақт инвариантии фосила ва якрангии фазо ва вақт табдилдиҳиҳои Лорентс ҳосил мегардад:

$$x' = \frac{x - vt}{\sqrt{1 - \frac{v^2}{c^2}}}, \quad y' = y, \quad z' = z, \quad t' = \frac{t - \frac{v^2}{c^2}}{\sqrt{1 - \frac{v^2}{c^2}}}.$$

Аз сабаби ин дигаргуниҳо, дар навбати худ, бевосита таъсири фазоӣ ва вақтии ННХ бармеоянд: нисбияти яквақтӣ, давомнокӣ ва дарозӣ. Инчунин хулоса метавон кард, ки арзиши методологии ННХ дар он аст, ки вай вобастагии воқеии байни фазо ва вақтро ифода мекунад. Чунин хулоса, аз ҷумла, вобаста ба нуқтаҳои фазоӣ аз замон ва вақтӣ аз фазо дар табаддулоти Лорентс инъикос карда мешавад.

Дар гузариш ба миқёсҳои бузург фаҳмишҳои фазоӣ-вақтии пешниҳоди ННУ истифода бурда мешаванд.

АДАБИЁТ:

1. Аронов Р.А. Соотношение феноменологических и динамических симметрий в физике элементарных частиц // Вопросы философии. – 1969. – №1. – С. 78-86.
2. Аронов Р.А. Взаимоотношение пространство и времени и пространство-времени // Философские науки. – 1972. – №4. – С. 35-43.
3. Аскин Я.Ф. Проблема времени. Ее философское истолкование. – М.: Мысль, 1966. – 200 с.
4. Готт В.С. Философские вопросы современной физики. – М.: Высшая школа, 1972. – 415 с.
5. Жог В.И. О взаимоотношении свойств пространства и движения материи: автореф. дисс. канд. филос. наук. – М., 1974. – 21 с.
6. Комили Абдулхай. Физика ар-Рази и Ибн Сины. – М., 1962. – 160 с.
7. Ландау Л.Д., Ливщиц Е.М. Теория поля. 6-е изд. – М.: Наука, 1973. – 504 с.
8. Минковский Г. Пространство и время / В книге: Принцип относительности. – М., 1973. – С. 167-180.
9. Мостепаненко А.М. Пространство и время в макро-, мега и микромире. – М.: Политиздат, 1974. – 240 с.
10. Мостепаненко А.М. Пространство-время и физическое познание. – М.: Атомиздат, 1975. – 215 с.
11. Ньютон И. Математические начала натуральной философии. Пер. А.Н. Крылова. Изд. Николаевской морской академии. Вып. IV, 1915. – 276 с.
12. Полемика Г.Лейбница и С.Кларка. – Л.: Изд. ЛГУ, 1960. – 136 с.
13. Румер Ю.Б., Овчинников Н.Ф. Пространство-время, энергия-импульс в структуре физической теории // Вопросы философии. – 1968. – №4. – С. 82-92.
14. Толанд, Дж. Письма к Серене / Дж. Толанд. Избранные сочинения. – М.-Л.: Госиздат, 1927. – 192 с.
15. Угаров В.А. Специальная теория относительности. 2-е изд. – М.: Наука, 1977. – 383 с.
16. Физический энциклопедический словарь. Т. 4. – М., 1965. – 624 с.
17. Штейнман Р.Я. Пространство и время. – М.: Государственное издательство физико-математической литературы, 1962. – 240 с.
18. Эллиот Л., Уилкокс У. Физика. – М.: Физматгиз, 1963. – 807 с.

АНДАР МАРҲАЛАҲОИ АСОСИИ РУШДИ ФИКРУ АНДЕША ДАР БОРАИ ФАЗО ВА ВАҚТ

Мақола ба марҳалаҳои инкишофи фикру андеша дар бораи фазо ва вақт аз замонҳои қадим (даврони антиқа) то замони муосир бахшида шудааст. Дар он шуруъ аз андешаи донишмандони Юнони Қадим – Зимиқротису Арасту ва бо ёдоварии баъзе аз донишмандони асримиёнагии форс-тоҷик Закариёи Розӣ ва Ибни Сино, диққати асосӣ ба андешаи донишмандони аврупоии замони нав, аз қабили И. Нютон, Н. Коперник, Ҷ. Бруно, Г. Галилей, И. Кеплер, Х. Лорентс, Г. Минковский ва дигарон дар бораи фазо ва вақт

ва дарку фаҳмиши он дар назарияи нисбият ба таври мухтасар сухан рафтааст. Ҳадаф аз он иборат аст то маълум гардад, ки бидуни дарку фаҳмиши дурусти мафҳумҳои фазо ва вақт фаҳмиши назарияи нисбият имконнопазир аст. Мақола дар ҳамгироии донишҳои физикӣ ва таърихӣ навишта шуда, ба мутахассисони таърихи физика бахшида шудааст.

КАЛИДВОЖАҲО: физика, таърих, фазо, вақт, назарияи нисбият,

МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ: Қурбонов Диловаршо Мирзоевич, саромӯзгори кафедраи физикаи назариявӣ ва умумии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Тел.: (+992) 985-61-33-75; e-mail: dqurbonm@mail.ru

ОБ ОСНОВНЫХ ЭТАПАХ РАЗВИТИЯ МЫСЛИ О ПРОСТРАНСТВЕ И ВРЕМЕНИ

Статья посвящена этапам развития представлений о пространстве и времени от древнейших времен (эпоха античности) до современности. Начинается она с мысли древнегреческих ученых – Демокрита и Аристотеля, где с упоминания некоторых персидско-таджикских средневековых ученых Закария ар-Рази и Ибн Сино, где основное внимание уделяется мысли современных европейских ученых, таких как И. Ньютон, Н. Коперник, Дж. Бруно, Г. Галилей, И. Кеплер, Х. Лоренц, Г. Минковский и другие, которые кратко обсудили пространство и время и их понимание в теории относительности. Цель состоит в том, чтобы разъяснить, что без правильного понимания понятий пространства и времени невозможно понимание теории относительности. Статья написана на стыке физических и исторических знаний и адресована специалистам в области истории физики.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: физика, история, пространство, время, теория относительности.

СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРЕ: Курбонов Диловаршо Мирзоевич, ст. преподаватель кафедры теоретической и общей физики Кулябского государственного университета имени Абдуабдуллаха Рудаки. Тел.: (+992) 985-61-33-75; e-mail: dqurbonm@mail.ru

ON THE MAIN STAGES IN THE DEVELOPMENT OF THE THOUGHT ABOUT SPACE AND TIME

The article is devoted to the stages of development of ideas about space and time from ancient times (the era of antiquity) to the present. It begins with the thoughts of the ancient Greek scientists - Democritus and Aristotle, and with the mention of some Persian-Tajik medieval scientists Zakaria al-Razi and Ibn Sino, focuses on the thoughts of modern European scientists, such as I. Newton, N. Copernicus, J. Bruno, G. Galileo, I. Kepler, H. Lorentz, G. Minkowski and others, who briefly discussed space and time and their understanding in the theory of relativity. The purpose is to clarify that without a correct understanding of the concepts of space and time, it is impossible to understand the theory of relativity. The article is written at the intersection of physical and historical knowledge and is addressed to specialists in the field of the history of physics.

KEY WORDS: physics, history, space, time, theory of relativity.

INFORMATION ABOUT THE AUTHOR: Qurbonov Dilovarsho Mirzoevich, Senior Lecturerat the Department of Theoretical and General Physics of Kulob State University named after Abdulloh Rudaki. Phone: (+992) 985-61-33-75; e-mail: dqurbonm@mail.ru

АЗ ТАЪРИХИ ТАВЛИДИ МУОДИЛАИ ШРЕДИНГЕР

Шарипов Б.С., Каримова Р.А.
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Чи хеле ки дар замини барои сабзиш номусоид гиёҳ намерӯяд, илм ҳам дар ҷойи барои пайдоишаш номусоид пайдо намешавад.

Барои он ки дар бораи ягон ҳодисаи табиат донишҳои нав пайдо гардад аввалан донишгирандаро бо асосҳо ва заминаҳои дар бораи он ҳодисаи табиат мавҷудбуда шинос намудан лозим, то ин ки ӯ мушоҳидаашро бо истифода аз донишҳои азхудкардааш маънидод карда тавонад, сипас барои мушоҳидаи нав шароити мусоиди озмоиши ҳодисаро барпо кардан лозим аст.

Муваффақ шудан дар роҳи ҷустуҷӯи навгонии илмӣ ва кашфи чизи нав ба касе муяссар мешавад, ки тайёрии хуби касбӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ дошта бошаду дар фазои мусоидаткунандаи илмӣ-эҷодӣ кор кунад ё ба он алоқаманд бошад, то ин ки аз корҳои навтарини илмии ҳамон соҳа хабардор бошад. Шинос шудан ба таърихи илмҳо ҳаминро собит мекунад, ки дар бисёр мавридҳо бомуваффақият анҷом додани ҳар гуна кори эҷодӣ дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ ё илмҳои дигар ҳама вақт ичрокунандаи боистеъдодро талаб мекунад.

Аз таърихи илми физикаи то асри XVII маълум мешавад, ки барои рушди минбаъдаи босуръати илми физика замина ва шароити зарурӣ фароҳам гардида буд. Заминаи тайёркардашуда, дар он зоҳир мешуд, ки олимон ҳақиқатеро дарк карда буданд, ки физикаи он солҳо дар донишгоҳҳо таълим додашаванда, дар ҳолате буд, ки сабаби ҳодисаҳои нави дар натиҷаи кашфиёти техникӣ мушоҳидашавандаро тавсиф дода наметавонист. Ин мухолифати аз байн рафтаистодаи физикаи ба тарзи схоластӣ таълим додашаванда ва физикаи нав буд.

Шахсе, ки мухолифат кардани илми кӯҳнаро ба кашфиёти нав дарк кард файласуфи англис, амалдори давлатӣ Фрэнсис Бекон буд. Ӯ чунин аҳволи танги илмро дар он медид, ки натиҷаи ба ин ҳолат расидани илм мақсади нодуруст ва методи нодурусти ташкили таълими илм буд, ки аз муқобилияти схоластҳо ба пешравии илм ба миён омада буд.

Дар асри XVII илм қувваи эътирофшудаи ҷамъиятӣ гардид, ки метавонист ба тараққиёти истеҳсолоти ҷамъиятӣ ёрӣ диҳад. Ҳамин тариқ, дар асри XVII инқилоби илмӣ ба амал омада, дар натиҷаи он физикаи классикӣ дар ҳамон шакл ва бо ҳамон усулҳои дарккунии ҳодисаҳо, ки мо онро медонем, ба вуҷуд омад. Илми физика дорои методҳои таҷрибавӣ ва методҳои математикии таҳқиқотӣ гардид.

Дар нимаи дуюми асри XIX дар раванди тайёр кардани физикҳо тағйироти муҳим ба амал омад. Аввал дар Аврупо ва баъд дар ИМА озмоишгоҳҳои таълими физика ташкил шуданд, ки дар баъзеи ин озмоишгоҳҳо мактабҳои илмӣ пайдо гардид.

Дар гузашта физик танҳо худаш кор мекард. Асбобҳоро одатан бо маблағи худашон харидорӣ мекарданд ё ин ки олимон худашон месохтанд. Таҷрибаҳоро бошад дар ҳуҷраҳои худ мегузаронидaнд. Чунончи, таҷрибаи ба таркибҳо ҷудо кардани равшании сафедро Нютон дар ҳуҷраи худ дар Кембриҷ гузаронидааст.

Аввалин озмоишгоҳи физика дар донишгоҳи Геттингем, соли 1831, аз тарафи В. Вебер бунёд карда шуд. Вебер донишҷӯёнро ба омода кардани таҷрибаҳои маърӯзавӣ ҷалб мекард. Ба донишҷӯёни қобилиятнок таҳқиқоти физикии хурдеро пешниҳод менамуд [7, с. 45].

Яъне барои ҳамчун физик ва математики касбӣ тайёр кардани донишҷӯён дар донишгоҳҳои онвақтаи Аврупо шароити зарурӣ таълим пайдо шуда, он рӯз то рӯз ба самти некшавӣ рушд кардан гирифт.

Тавлиди механикаи квантӣ ё муодилаи асосии он - муодилаи Шредингер фосилаи солҳои 1925-1930-ро дар бар мегирад. Вале барои бунёди он донишҳое лозим шуданд, ки онҳоро якчанд насли олимони физика дар давоми солҳои 1850-1926 ба вуҷуд овардаанд. Ҳоло мо онҳоро барои омӯхтани механикаи квантӣ истифода мебарем. Ин муодила ҳолати энергетикии микрообъектро дар дилхоҳ нуқтаи фазо ва дар дилхоҳ фосилаи вақт тавсиф менамояд. Микрообъектҳо ҳам хосияти мавҷ ва ҳам хосияти заррараро зоҳир мекунанд. Азбаски онҳоро дар маҷмуъ таҳқиқ кардан осон аст, пас барои ифода кардани ҳаракати онҳо донишҳои назарияи эҳтимолиятҳо, физикаи статистикӣ, нурафканӣ, сохти атом, табиати рӯшноӣ ва табиати мавҷии заррараро донистан лозим буд [5, с. 86].

Барои равшанӣ андохтан ба зарурати тайёрии касбии муҳаққиқон дар кори эҷодӣ-илмӣ ва кашфиётҳо, мо аввал ба раванди маълумотгирӣ ва таҳсили касбии кашшофи муодилаи механикаи мавҷӣ - Эрвин Шредингер шинос мешавем.

Баъди солҳои 1800 дар бисёр донишгоҳҳои Аврупо навигариҳои таълимӣ ба амал омада, аз фанни физика дарсҳои лексионӣ ва озмоишӣ гузаронида мешуданд. Шредингер соли 1906 ба донишгоҳи Вена дохил шуда, барои омӯзиш курси математика ва физикаро интихоб кард. Дарси курси физикаро Франс Экснер мебурд ва ӯ барои ҳамчун олим ташаккул ёфтани Шредингер таъсири муҳим расонидааст. Вале хоҳиши Шредингер барои донистани проблемаҳои назариявии физика баъди шинос шуданаш бо Фридрих Хазенёрл оғоз мешавад. Хазенёрл шогирди Людвиг Болтсман ба ҳисоб мерафт. Шредингер маҳз аз Хазенёрл дар бораи проблемаҳои мубрами илмии физикаи классикӣ ва мушкилиҳо ҳангоми ҳалли онҳо маълумот пайдо кард. Ҳангоми таҳсил дар донишгоҳ Шредингер методҳои математикии физикаро комилан аз бар кард, ки барои тайёрии касбии ӯ аҳамияти ҳалкунанда дошт [2, с. 127].

Акнун заминаҳои илмиеро ёдовар мешавем, ки онҳоро надониста, бинои механикаи мавҷиро бунёд кардан ғайриимкон буд, лекин Шредингер ҳамаи донишҳои заруриро комилан медонист. Аз соли 1850 сар карда, дар физикаи классикӣ масъалаҳое пайдо гардиданд, ки барои ҳалли онҳо методҳои назарияи эҳтимолиятро истифода бурдан зарур буд. Истифодаи назарияи эҳтимолият ба бунёдшавии физикаи статистикӣ пойдевор шуд. Физикаи статистикӣ дар бисёр қисмҳои физика, ки истифодааш мумкин буд, ба кор бурда мешуд. Масалан, он дар термодинамика, дар таҳқиқи нурафкании ҳароратии ҷисми мутлақ сиёҳ дар пароканиши молекулавии рӯшноӣ, барои тақсимоти фазоии молекулаҳо аз рӯи суръат, импулс энергия ва дигарҳо истифода мешуд [4, с. 107].

Соли 1859 дар физика корҳои олими англис Д.К. Максвелл дар бораи қонуни тақсимоти молекулаҳои газ аз рӯи суръаташон пайдо шуд, ки дар ифодаи он функсияи нишондиҳандагӣ истифода мешуд:

$$dN = (n/(2\pi m_0 KT))^{\frac{3}{2}} * \exp[-p^2/(2m_0 KT)]\, dT,$$

яъне, он нишон медод, ки тақсимшавии молекулаҳо аз рӯи суръат ба қонуни экспонентӣ $\sim e^{\frac{-p^2}{T}}$ итоат мекунанд. Дар ҳамаи натиҷаҳои аз ҳалли масъалаҳои физикаи статистикӣ ҳосилкардаи олимон зарбшавандаи exp[-$p^2/(2m_0 KT)$] вомехӯрд, ки истифода шудани назарияи эҳтимолиятро тасдиқ мекард.

Планк назарияи статистикиро истифода бурда, маънои эҳтимолияти энтропияро муайян кард, S=kℓnW.

Солҳои 1888-1889 Г. Гертс ва Л.Г. Столетов ҳодисаи фотоэффектро кашф карданд, вале механизми онро бо истифодабарии методҳои физикаи классикӣ ва тасаввуроти мавҷии рӯшноӣ маънидод карда натавонистанд.

М. Планк соли 1897 ба омӯзиши масъалаи нурафкании ҷисмҳои мутлақ сиёҳ сар кард. То ба ин вақт дар ҳалли ин масъала В. Вин хеле муваффақ шуда, соли 1896 барои зичии ҳаҷми нурафкании диданашанда формулаи ρ(ω, T)=$a\ \omega^3 e^{\frac{B\omega}{T}}$ -ро ҳосил намуд.

Соли 1900 Рэлей навишт, ки ин формула дар соҳаи зудиҳои баланд хуб иҷро мешавад, вале дар соҳаи нурҳои инфрасурх, ки аз тарафи Рубенс ва Курлбаум санҷида шудааст, рафтори аз қонуни Вин тамоман фарққунандаро нишон медиҳад.

